*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 1 - 2 (4741 - 4742) | ЧОРШАНБЕ, 3 ЯНВАРИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## БОЗДИДИ МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН АЗ МАҶМААИ ЛИЖАРОНИЮ САЙЁҲИИ «САФЕД-ДАРА»

**29-уми декабри соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо шароити кору хизматрасонии Маҷмааи лижаронию сайёҳии «Сафед-дара» шинос шуда, марҳилаи дуюми роҳи танобиро мавриди истифода қарор доданд.**

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таъмини шароити созгори бахши сайёҳӣ ва ҷалби ҳар чӣ бештари сайёҳони дохилию хориҷӣ дар мавзеи «Сафед-дара» аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сафед-дара» як қатор иншооти муҳими соҳаи сайёҳӣ бунёд гардида, сохтмони дигар инфрасохтор идома дорад.

Дар Маҷмааи лижаронию сайёҳии «Сафед-дара» Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нахуст бо шароити қабули мизоҷон дар коттеҷи чӯбини дуошёна шинос шуданд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз натиҷаи тадбирҳои ба сомонрасида изҳори қаноатмандӣ карда, ба сифати корҳо баҳои баланд дода, ба масъулин ҷиҳати боз ҳам тақвият додани корҳои сохтмонӣ ва ташкили инфрасохтори зарурӣ дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Дар ҳамон ҷо ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаи сохтмони котеҷҳои нав дар саҳни ҳавлии маҷмаа муаррифӣ карда шуд.

Пешвои миллат дар назди стансияи болоии Маҷмааи лижаронию сайёҳии «Сафед-дара» аз тарабхонаи нав дидан карда, баъди шиносоӣ бо шароити хизматрасонӣ ва қабули мизоҷон дар тарабхона бо пахши тугма ба фаъолияти хати дуюми роҳи танобӣ оғоз бахшиданд.

Масъулини Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сафед - дара» ҷиҳати татбиқи дастуру супоришҳои Сарвари давлат марҳилаи сеюми корҳои бунёдию созандагиро оғоз намуданд.

Соли ҷорӣ дар асоси шартнома бо ширкати «Допелмайер»-и кишвари Австрия сохтмони хати дуюми роҳи танобӣ ба итмом расонида шуд.

Стансияи поёнии роҳи танобии мазкур дар баландии 2590 метр аз сатҳи баҳр ва стансияи болоӣ дар баландии 3020 метр аз сатҳи баҳр қарор дошта, дарозии хати роҳи танобии дуюм 1600 метр буда, аз 21 кабина иборат мебошад. Дар маҷмӯъ дарозии ҳар ду роҳҳои танобӣ 3600 метрро ташкил дода, 42 кабина дорад.

Тавассути роҳи нави танобӣ Сарвари давлат бо корҳои дар мавзеъ ба анҷомрасида шинос шуданд. Дар стансияи болоии Маҷмааи лижаронию сайёҳии «Сафед-дара» Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо буридани лентаи рамзӣ роҳи нави лижаронии «Сомонӣ»-ро ифтитоҳ карда, ба оғози ҳаракати лижаронҳо дар ин масир оғоз бахшиданд.

Роҳи нави лижаронии «Сомонӣ» бо дарозии 7,2 км сохта шудааст. Акнун бо бунёди роҳи нави лижаронӣ на танҳо варзишгарони навтаҷриба, балки лижаронҳои касбии сатҳи байналмилалию минтақавӣ метавонанд аз он истифода намоянд. Дар умум, роҳи лижаронӣ дар маҷмаа аз поён то ба боло 30 км-ро ташкил медиҳад.

Дар ҳудуди маҷмаа 10 адад коттеҷҳои 1 ва 2-ошёнаи сохти замонавӣ мавҷуд буда, 6 ададаш аз маҳсулоти муосири сохтмонӣ ва 4 адади дигараш аз чӯби гирдшакл бо услуби аврупоӣ сохта шудааст.

Дар коттеҷҳо барои аз 4 то 8 нафар ҷои хоб пешбинӣ гардидааст. Инчунин, дар назди стансияи болоии роҳи танобӣ дар баландии 2590 метр тарабхонаи «Чаман» бо услуби миллӣ бо зиёда аз 100 ҷойи нишаст сохта шудааст.

Ҳамзамон, дар маҷмаа бинои нав, ки дар он нуқтаи тиббӣ, хазина ва сервери идоракунии коммуникатсияи иттилоотӣ ҷойгир шудааст, бунёд ёфтааст.

Баъди шиносоӣ бо шароити хизматрасонӣ дар Маҷмааи лижаронию сайёҳии «Сафед-дара» Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба иқдоми соҳибкорони ватандӯст дар ободу зебо гардонидани ин минтақаи дорои табиати нотакрори диёр баҳои баланд доданд.

Ба масъулини соҳа дастур дода шуд, ки барои дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ доштани ин мавзеъ, ҷалби бештари сайёҳону меҳмонон, тарғибу ташвиқи намудҳои варзиши зимистона дар байни аҳолии мамлакат, ба сатҳи байналмилалӣ баровардани хизматрасонӣ дар меҳмонхонаҳо, тарабхона, марказҳои савдо ва таъмини лавозимоти варзишию барфбозӣ, майдонҳои лижаронию барфгардӣ ва роҳҳои танобӣ тадбирҳо андешанд.

**www.prezident.tj**

## ТОҶИКИСТОНИ АЗИЗРО БА ГУЛИСТОН ТАБДИЛ МЕДИҲЕМ

### Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2024

**31-уми декабри соли 2023, шаҳри Душанбе**

**Ҳамватанони азиз!**

Ҳамаи шумо - мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба муносибати фарорасии Соли нави мелодии 2024 самимона табрик мегӯям. Ба хурду бузурги сокинони мамлакат саломатӣ ва бахту саодат орзу менамоям.

Тавре ки чанд рӯз пеш дар Паёми худ иброз доштам, соли 2023, бо вуҷуди вазъи бисёр печидаю ноороми ҷаҳони муосир барои кишвари мо боз як соли бобарору хотирмон гардид.

Дар Паём дастоварду пешравиҳои ноилгардидаи халқи Тоҷикистон дар соҳаҳои сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ зикр гардиданд. Яъне, мо нақшаҳои барои соли 2023-юм пешбиникардаамонро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа муваффақона амалӣ намудем. Дар натиҷа имрӯз шароити зиндагии мардуми кишвар нисбат ба солҳои гузашта хеле беҳтар гардидааст. Ҳоло сокинони мамлакат ба фардои боз ҳам ободу осуда дилпурона назар мекунанд ва ба хотири пешрафти минбаъдаи давлати соҳибистиқлоли худ софдилона заҳмат мекашанд.

Хотирнишон менамоям, ки мо ҳанӯз мушкилоту масъалаҳои зиёди ҳалталаб дорем. Барои бартараф кардани мушкилоти дар ҳаёти мардумамон ҷойдошта ва ҳаллу фасли масъалаҳои мавҷуда мо барномаю нақшаҳои мушаххас қабул кардаем ва онҳоро зина ба зина амалӣ месозем.

Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, ба кишвари транзитӣ табдил додани Тоҷикистон, саноатикунонии босуръат ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ мамлакат ҳадафҳои стратегие мебошанд, ки мо барои амалӣ намудани онҳо тамоми захираю имкониятҳои худро сафарбар кардаем.

Бо ин мақсад ҳоло дар кишвар бунёду азнавсозии неругоҳҳои барқи обии азим, роҳу пулҳои замонавӣ, коргоҳу корхонаҳои муосир ва иншооти иҷтимоӣ, яъне муассисаҳои таълимию тандурустӣ ва фарҳангу хизматрасонӣ, бомаром идома дорад.

Дар ин раванд, мо ба рушди соҳаи кишоварзӣ ва афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа, яъне бо озуқаворӣ истеҳсоли ватанӣ ҳар чӣ бештар таъмин намудани аҳолии мамлакат эътибори аввалиндараҷа дода истодаем.

Ҳадафи асосӣ аз иқдомоти зикршуда - муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ барои ҳамватанонамон, мунтазам баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардумамон ва фароҳам сохтани шароити зиндагии шоиста ба ҳар як фарди Ватани маҳбубамон мебошад.

**Ҳамватанони азиз!**

Соле, ки сипарӣ шуда истодааст, дар доираи нақшаи корҳои ободонию созандагӣ барои таҷлили сазовори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз ҷониби ташкилоту корхонаҳои давлатӣ, бахши хусусӣ, соҳибкорони ватандӯст, шахсони саховатпеша ва аҳолӣ иқдому ташаббусҳои нек вусъати тоза пайдо карданд.

То имрӯз аз 28 ҳазору 350 иншооти тибқи нақша пешбинигардида 10 ҳазору 500 иншооту биноҳои истеҳсолию иҷтимоӣ ва хизматрасонӣ ба истифода супорида шудаанд, ки 37 фоизи иҷрои нақшаро ташкил медиҳад. Дар натиҷа ҳамаи гӯшаю канори мамлакат то дурдасттарин маҳалу деҳоти он хеле ободу зебо гардида, бисёр мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ бартараф шуда истодаанд.

Мехоҳам бо қаноатмандӣ изҳор намоям, ки ҳоло корҳои ободонию созандагӣ дар тамоми қаламрави кишвар бомаром идома доранд.

Бовар дорам, ки то ҷашни бузурги миллӣ - 35- солагии Истиқлоли давлатӣ бо саъю талоши ватандӯстонаи мардуми заҳматқарини кишвар нақшаи тасдиқгардидаро пурра иҷро намуда, Тоҷикистони азизу биҳиштосоямонро ба гулистон табдил медиҳем.

Ҳамчунин, бо ифтихор хотирнишон менамоям, ки маҳз, ба шарофати ҳисси баланди ватандӯстию ватанпарастии мардуми кишвар, сарҷамъии аҳли ҷомеа, саъю талоши содиқона ва заҳмати фидокоронаи халқамон нуфузу обрӯи Тоҷикистони азизи мо дар арсаи байналмилалӣ сол ба сол таҳким ёфта истодааст.

Ҳоло Тоҷикистони мо аз ҷониби ҷомеаи башарӣ ҳамчун кишвари пешсаф ва ташаббускори ҳалли масъалаҳои глобалии обу иқлим эътироф гардидааст.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки ҳамватанони азизи мо аз вазъи ҷаҳони пурмоҷарои имрӯза, мушкилоти рӯз ба рӯз афзояндаи сайёра, вусъат гирифтани миқёси таҳдиду хатарҳои муосир – терроризму экстремизм, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷинояткориҳои муташаккили фаромиллӣ хуб огоҳанд.

Дар чунин шароит мо бояд ба ҳифзи неъмати бузургтарини зиндагиамон – истиқлолу озодӣ, дастовардҳои таърихии халқамон – сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллию давлатиамон ҳамеша омода бошем.

Таъкид менамоям, ки сидқан дӯст доштани Ватан ва таъмин намудани пешрафти иқтисодию иҷтимоии давлати соҳибихтиёри тоҷикон вазифаи муқаддаси ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа мебошад.

Мо бояд дар соли нави мелодӣ ва солҳои дигар ба хотири таҳкими истиқлоли давлатӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ ва густариши худшиносию худогоҳӣ, боз ҳам баланд бардоштани мақоми байналмилалии кишварамон сарҷамъу муттаҳид бошем, бештар заҳмат кашем ва тамоми кӯшишу ғайрати худро ба хотири иҷрои рисолати олии ватандорӣ, яъне обод кардани Ватан ва пешрафта гардонидани давлати тоҷикон сафарбар созем.

Мо бояд ободии Ватанамонро аз хонаю кошона ва маҳали зисти худ оғоз карда, кӯшиш намоем, ки дар ободии сарзамини аҷдодӣ, сарсабзу хуррам гардонидани он, тозаву озода нигоҳ доштани муҳити зист саҳми худро гузорем ва соҳиби фарҳангу тамаддуни бостонӣ будани тоҷиконро ба ҷаҳониён собит созем.

Бо чунин ниятҳои нек бори дигар тамоми мардуми шарифи кишвар ва ҳамватанони бурунмарзиамонро бо фарорасии Соли нави мелодии 2024 самимона табрик гуфта, ба ҳар як хонадони мамлакат тансиҳатӣ, хушбахтӣ, файзу баракат ва рӯзгори ободу осуда орзу менамоям.

**Соли нави мелодии 2024 муборак бошад, ҳамватанони азиз!**

## ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024**

Мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон **фармон медиҳам:**

1. Соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда шавад.
2. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати иҷрои фармони мазкур дар муҳлати як моҳ нақшаи чорабиниҳоро таҳия ва барои тасдиқ пешниҳод намояд.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 30 декабри соли 2023, № 668**

## ТАВЗЕҲОТ БА ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### «ДАР БОРАИ «СОЛИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ» ЭЪЛОН НАМУДАНИ СОЛИ 2024» АЗ 30 ДЕКАБРИ СОЛИ 2023, № 668

**Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» бармеоянд, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, №668 қабул гардид.**

Мақсад аз қабули фармони мазкур баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, мустаҳкам намудани институти ҳуқуқи инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба он ва таъмин намудани волоияти қонун, ташаккул додани низоми устувори рафтори ҳуқуқӣ, оштинопазирӣ нисбат ба ҳама гуна ҳуқуқвайронкунӣ ва ногузир будани масъулияти ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти тамоми субъектҳои тарғиб ва ташвиқи ҳуқуқӣ, ташкил намудани механизми самараноки ҳамкории давлат ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар самти маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад.

Анҷом додани тадбирҳои зикргардида арзиши олӣ будани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро таъмин намуда, ба эҳтиром ва риояи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар, баланд бардоштани ҳисси ватандӯстӣ, тақвияти рағбати шаҳрвандон ба донишҳои соҳаи ҳуқуқ, васеъ намудани дастрасии шаҳрвандон ба иттилооти ҳуқуқӣ, иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва паст гардидани сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ мусоидат менамояд.

**www.prezident.tj**



## ДАР ШӮРОИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дуюми январи соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар он масъалаҳо «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Арвис» оид ба таъсис додани корхонаҳо, сохтан ва ба кор даровардани иншоотҳои ҳар як силсилаи алоҳидаи истеҳсолу коркарди нахи пахта то ба даст овардани маҳсулоти ниҳоӣ» ва «Дар бораи Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» оид ба сохтмон ва ба истифода додани корхонаи истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ, маснуот аз бетону семент ва истеҳсоли оҳак» мавриди баррасӣ қарор гирифта, пас аз шарҳу тавзеҳи онҳо аз ҷониби раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло ба баррасии ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум пешниҳод гардиданд.

Масъалаҳо «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи реклама», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру илова ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои додани хулоса ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Раёсати ҳуқуқуи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда шуданд.

Шӯрои Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, «Дар бораи даъват кардани ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзномаи ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум» қарор қабул кард.

**«Садои мардум»**

Ҳамовозӣ ба Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

# АЗ ПАЁМ ОЯД САДОИ ҚАЛБИ ГАРМИ ПЕШВО




Пайк орад ин Паём имсол бар ҳар хонадон,
Гашт аз навгониҳо оғоз дар рӯи ҷаҳон.

Гарчи буд душвору ноором авзои замин,
Шукри он ки монд халқу меҳан осуда аз ин.

Бо дироят, пешрафту рушд ҳам афзун бигашт,
Дарсади маҳсули дохилӣ шуда афзун зи ҳашт.

Ҳам саноат, ҳам маориф, низ нақбу роҳу НОБ,
Ҳам фаровон ҳосили хоку замин аз файзи об.

Иқтисод арқомӣ бояд кард, ин бошад зарур,
Ҳам зи истеҳсоли сабз ояд табиат дар ҳузур.

Пешрафти илму фанноварӣ аст андар назар,
То баробар мо шавем имсол бо аҳли башар.

Ҷои аввал нақши зан, модар, тамоми бонувон,
Ҷазби меҳнат ҳар яке бояд шавад, пиру ҷавон.

Гашт пайдо ҷою нақши ҷумла соҳибкорҳо,
3-ин сабаб мардум ба ҷои кор таъмин, ҷобаҷо.

Даъвати сармоя бояд беш гардад, беш, беш,
То фаровонӣ ба кишвар бештар гардад зи пеш.

Баъди Роғун барқи мо бояд басо афзун шавад,
Ҷалбу ҷамъ аз чор сӯ ҳамсоягон акнун шавад.

Рушду иршоди саноат ҳатмӣ андар ин замон,
Равнақу ободии кишвар бувад вобасти он.

Боядо донем иқлими ҳама сайёраро,
Пиряххо то набандад кӯч аз ҷое ба ҷо.

Бас ба зери хок бошад маъдани фоиданок,
Олимонро жарфтар тадқиқ бояд зери хок.

Ҷалби сайёҳон фузуда бар диёри мо басо,
Кор бояд хуб гардад, дур бояд аз хато.

Чун шавад оҷонсии фарҳанги меросии мо,
Ҳар ки донад ёдгориҳои мо аст аз куҷо.

Хуб мо донем қадру қимати омӯзгор,
Илм омӯзем з-онҳо, зиндагӣ, ҳам кору бор.

Рушди тиббӣ аст ин ҳифзи бадан бо солимӣ,
Илми Сино хонда афзоем қадри олимӣ.

Гуфт ӯ арзи сипосе бар кишоварзони хеш,
Чунки ин маҳсули меҳнат гашта афзунтар зи пеш.

Чил дарсад гашта афзун боз ҳам подоши кор,
Ҳам нафақа, ҳам садақа беш гардад чанд бор.

Баҳри рушд афзуд пайванди мамолик то абад,
Дӯстони хориҷи моро барафзояд адад.

Ҳар ҷавон бояд бидонад нақшаи ояндаро,
Илму дониш дар амал, аъмоли бас созандаро.

То басе маъруф созем ин Ватан андар ҷаҳон,
Шарти қатъӣ ҳаст, мо донем ҳатман ду забон.

Бар ятимон, гуфт, ҳар кас мушфиқу ғамхор бод,
Кӯдакону пиру барно ҳама бояд бошанд шод.

Баски Сарқонуни моро умр худ сӣ сол шуд,
Маърифат ҳам беш аз нақши ҳуқуқ иқбол шуд.

Баҳри ободӣ, шукуфоӣ, низому амният,
Ҳушёрӣ, устуворӣ, ҳифзи мулк аз ҳар ҷиҳат.

Ҳар ки донад, боядо, таҳдид аз ифротиён,
Дар сухан сидқу сафову дар амал зишту зиён.

Он чи орад ҳар хурофотӣ, ҳама бегона аст,
Меваи маҳсули кораш беасосу дона аст.

Аз Паём ояд садои қалби гарми Пешво,
Як садои дилрасу ғамхору бар дил ошно.

Ин Паёми олӣ азбас буд ҳаме бар халқи хеш,
Монд боқӣ он шиораш: «Тоҷикистонам, ба пеш!».

Худ Ниҳонӣ шоҳиди ҳол аст андар ин Паём,
Гашта панди Пешво худ раҳнамо бар мо мудом.

**НИҲОНӢ**

---

# ПАЁМ – БАРНОМАИ РУШДИ МИЛЛӢ

**Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 28 декабри соли 2023 ироа гардид, самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соли 2023 фаро гирифтааст. Бо таваҷҷуҳ ба мазмуну муҳтавои Паёми навбатӣ чанд мулоҳизаи хешро мухтасаран ироа медорем:**

**Якум.** Давра ба давра ва марҳила ба марҳила боло бурдани музди меҳнати хизматчиёни низомӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дар маҷмӯъ, сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии мардум аз вазифаҳои стратегию барномавии роҳбарияти олии давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, Президенти мамлакат дар Паём таъкид карданд, ки аз якуми январи соли 2024 музди меҳнати амалкунандаи хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар кормандони ин мақомот 40 дарсад зиёд мешавад. Ҳамзамон, Сарвари давлат масъалаи аз 1 июли соли 2024-ум 30 дарсад боло рафтани нафақаҳои суғуртавии меҳнатӣ, инчунин иловапулии онҳоро ба миён гузошта, дар ин замина ба тасвиб расидани дастуру фармоишоти заруриро тазаккур доданд. Илова ба ин, тибқи таъкидоти Сарвари давлат, аз 1 июли соли 2024 маоши вазифавии кормандони мақомоти ҳокимият ва идоракунии давлатӣ, муассисаҳои маориф, илм, фарҳанг, варзиш, тандурустӣ, муассисаҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, дигар ташкилотҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, инчунин стипендияҳо 40 дарсад зиёд мегардад. Ба ин тартиб, Президенти кишвар дар доираи Паём изҳор доштанд, ки аз 1 июли соли 2024 ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба андозаи 800 сомонӣ дар як моҳ муқаррар мегардад, ки ин тарзи масъалагузории иҷтимоию молиявӣ бесобиқа аст.

**Дуюм.** Самти маорифи ватанӣ дар сиёсати давлатӣ дар авлавият қарор доштаю дорад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба омӯзгор, ки субъекти асосии раванди маорифи ватанӣ ва дар айни замон, шахсияти мафкурасоз ба шумор меравад, ҳамасола дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мегардад. Дар Паёмашон аз 23 декабри соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи мафкурасозӣ, раванди давлатсозии миллӣ ва пайванди мазмунию мундариҷавии сохтмони давлат ва ҷомеаро бо шахсияти омӯзгор мадди назар қарор дода, тазаккур дода буданд: «Мо мактабро ба ҳайси боргоҳи илму дониш, саводу маърифат ва омӯзгорро чун шахси мафкурасозу тарбиятгари насли наврас эътироф намуда, ба онҳо арҷу эҳтиром гузоштанро аз ҷумлаи масъалаҳои муҳимтарин медонем. Зеро агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромиву сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Вобаста ба ин, бори дигар таъкид менамоям, ки бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Бинобар ин, ғамхорӣ ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Ба ин маъно, дар Паёми имсола ҳам масъала ва мушкилоти соҳаи маорифи ватанӣ ҳадафмандона мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор гирифта, Сарвари давлат дар ин замина фармуданд: «Мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок доништа, барои рушди ин соҳаи муҳими низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро амалӣ менамоем. Мақсад аз амалӣ сохтани тамоми иқдом дар самти рушди илму маориф баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифатнокии миллат, мунтазам беҳтар гардонидани сатҳу сифати таълим ва тарбияи кадрҳои ба талаботи замона ҷавобгӯй мебошад. Фаромӯш набояд намуд, ки пешрафти давлат ва ояндаи ободи Ватан аз сатҳи донишу маърифатнокии мардум вобастагии мустақим дорад. Зеро бесаводӣ, ҷаҳолат ва хурофот ба инсон танҳо бадбахтӣ меоварад ва боиси ақибмонии ҷомеа ва касодии давлат мегардад».

**Сеюм.** Сарвари давлат ба таъриху фарҳанги миллӣ арҷ гузошта, дар тамоми суханронию дидору мулоқоташон ба гиромидошти таъриху фарҳанги аҷдодӣ таваҷҷуҳ карданро таъкид намудаанд. Ин ҳам маълум аст, ки Сарвари давлат фарҳангро ба унвони «ҳастии миллат» эълом кардаанд ва ҷиҳати рушди ин соҳаи маънавиятсоз тадбирҳои судманд меандешанд. Аз ин рӯ, дар доираи Паёми навбатӣ масъалаи ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангиро матраҳ карда, аз ҷумла, тазаккур доданд, ки соли 2023-юм 15 ёдгории таърихию фарҳангии тоҷикон ба Феҳристи фарҳанги моддӣ ва ғайримоддии ЮНЕСКО ворид гардид. Зимни ироаи Паём Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба зарурати ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ таъкид намуда, пешниҳод карданд, ки дар назди Ҳукумати мамлакат сохтори алоҳида - Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ таъсис дода шавад. Сарвари давлат афзуданд, ки Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ бо мақсади густариш бахшидани тармиму барқарорсозӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, инчунин рушди соҳаи сайёҳӣ таъсис дода мешавад.

**Чорум.** Сарвари давлат дар Паёми навбатӣ рушди минбаъдаи саноати ватаниро аз ҷумлаи авлавиятҳои сиёсати давлатӣ унвон карда, дар ин замина тазаккур доданд, ки ҷиҳати рушди минбаъдаи соҳаи саноати мамлакат солҳои 2022-2026 - «Солҳои рушди саноат» эълон гардид, ки барои амалӣ намудани ин иқдом тайи ду соли охир беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо фарогирии 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шудааст. Сарвари давлат, аз ҷумла, таъкид карданд: «Бо вуҷуди ин дар раванди саноатикунонии босуръати мамлакат як қатор масъалаҳои ҳалталаб, аз қабили фарсудашавии таҷҳизот, сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳои гардони корхонаҳо ва кадрҳои баландихтисос вуҷуд дорад, ки бояд бартараф шаванд». Ҳамчунин, изҳор гардид, ки соли равон содироти маҳсулоти саноатӣ тамоюли коҳишёбӣ пайдо намуда, нисбат ба соли 2022, ки содироти маҳсулоти соҳа ба 22,8 млрд. сомонӣ расида буд, 19 фоиз кам гардидааст, яъне ҳамагӣ 18,5 млрд. сомониро ташкил додааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар заминаи сохтмони аср - НБО «Роғун», ки аз ҷумлаи иншооти бузурги саноатӣ дар ҷумҳурӣ ба шумор меравад, чунин изҳор доштанд: «Мо тасмим гирифтаем, ки соли 2025 агрегати сеюми Неругоҳи барқи обии «Роғун»-ро ба истифода диҳем. Ҳоло дар ин иншооти муҳими аср 15 ҳазор нафар мутахассисону коргарон ва 3500 техникаи сохтмонӣ фаъолият доранд». Дар идома Сарвари давлат афзуданд, ки бо ин мақсад дар соли 2023 аз ҳисоби буҷети давлатӣ беш аз 5 миллиард сомонӣ равона гардид.

**Панҷум.** Зимни иртибот гирифтан ба масоили ҳуқуқӣ дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарвари давлат пешниҳод намуданд, ки бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2024 дар мамлакат «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардад. Дар ин замина, дастур дода шуд, ки тамоми сохтори мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бояд ҳамаи захираю имкониятро ҷиҳати таъмини тартибот ва волоияти қонун барои соли 2024, ки 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷлил мегардад, сафарбар намоянд. Ба ин манзур Сарвари давлат фармуданд: «...Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки заминаи эъмори давлати мустақили миллӣ ва пешравии тамоми ҷанбаҳои ҳаёти мардуми мамлакатро фароҳам овардааст, яке аз дастовардҳои муҳимтарини мо мебошад».

**Шашум.** Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид гардид, ки соли 2023 маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон 8,3 фоиз зиёд гардид. Тазаккур ёфт, ки соли 2023 барои Тоҷикистон, бо вуҷуди мураккабшавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир, тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои ногувори он, хушксолию камобии солҳои охир дар минтақа ва бо шарофати заҳмати аҳлонаю содиқонаи мардуми сарбаланди мамлакат, соли бобарор гардид. Сарвари давлат дар ин бобат чунин ишора намуданд: «Дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа пешравиҳои назаррас ба даст омада, маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат нисбат ба соли гузашта 8,3 фоиз зиёд гардид ва ба беш аз 130 миллиард сомонӣ расонида шуд». Ба ин тариқа, ишора рафт, ки қисмати даромади буҷети давлатӣ 102,5 фоиз таъмин гардид.

**Ҳафтум.** Сарвари давлат ҳадафи стратегии давлатро дар Паёми имсола мисли солҳои қаблӣ дар таъмин намудани шароити хуб ва ҳаёти арзанда барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ кард. Барои ба вуҷуд овардани шароити арзандаи зиндагӣ, пеш аз ҳама, боло бурдани масъулияти хизматчиёни давлатӣ зарур аст ва ин нуктаро Сарвари давлат на як бору ду бор, балки дар ҳар як Паёмашон таъкид мекунанд. Дар Паёми навбатӣ низ масъалаҳои масъулиятписандӣ, кордонӣ, ташкилотчигӣ, муоширати хуби корӣ, одоби хизматчии давлатӣ, расидагӣ ба мушкилоти мардум, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва давлатӣ, самаранокии мудирияти давлатӣ матраҳ гардиданд. Тақвияти сармояи инсонӣ, даст ёфтан ба нишондодҳои зарурии макро ва микроиқтисодӣ, таъмини амнияти давлатӣ ва миллӣ, рушди бемайлони илму маорифи миллӣ, пайвастан ба ҷомеаи мутамаддини ҷаҳонӣ, дарёфти истеъдодҳои нодири миллӣ дар бахшҳои гуногуни илму маориф, бавижа дар илмҳои табиӣ-риёзӣ ва амсоли инҳо, самтҳои муҳими сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меранд.

Хулоса, Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии мамлакатро фаро гирифта, ба сифати як барномаи муфассали рушду тавсеаи миллӣ роҳро барои зиндагии шоистаю арзанда ҳамвор месозад.

**Нодир НУРОВ,**
**устоди ДДФСТ ба номи М. Турсунзода**

---



# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2024 Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаҳои Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд, Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин ва ҷиҳати ҷалби бештари дӯстдорони санъату мусиқӣ чораҷӯйӣ карда, ғолибони даврҳои якум ва дуюми озмун ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2024 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории озмуни мазкур 3 785 000 (се миллиону ҳафтсаду ҳаштоду панҷ ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи хароҷоти анҷомдодаро пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 январи соли 2024, № АП-479**

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2024 Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия, ҷоиза ва рӯйхати адабиёти тавсияшавандаи Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2, 3 ва 4).

3. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати дар сатҳи баланд доир гардидани озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, ғолибони озмун ва омӯзгорон, падару модаронеро, ки шогирдону фарзандонашон дар даври ҷумҳуриявии озмун барандаи ҷоизаҳо шуданд, аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2024 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузор гаштани озмуни мазкур 4570000 (чор миллиону панҷсаду ҳафтод ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 январи соли 2024, № АП-480**

# АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

1. Дар соли 2024 Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» баргузор карда шавад.

2. Низомнома, ҳайати комиссия ва ҷоизаи Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1, 2 ва 3).

3. Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ, кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланд доир гардидани озмуни мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ иҷрои талаботи амри мазкурро таъмин намуда, барои ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён, аспирантону докторантон ва қишрҳои дигари ҷомеа, ки ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин ихтироъкориву навоварӣ шавқу рағбат доранд, чораҷӯйӣ карда, ғолибонро бо ҷоиза ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд гардонанд.

5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои соли 2024 пешбинӣ гардидаанд, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баргузории озмуни мазкур 4085000 (чор миллиону ҳаштоду панҷ ҳазор) сомонӣ ба таври нақд ҷудо намояд.

6. Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи мақсадноки маблағи ҷудошударо таъмин карда, оид ба хароҷоти анҷомдода ба Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот пешниҳод намояд.

7. Назорати иҷрои амри мазкур ба зиммаи муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) гузошта шавад.

**Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН**
**ш. Душанбе, 1 январи соли 2024, № АП-481**

**Замимаи 1**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024, №АП-479**

# НИЗОМНОМАИ
## ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН – ВАТАНИ АЗИЗИ МАН»

### I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» (минбаъд – Озмун) бо мақсади дарёфти истеъдодҳои нав дар соҳаи санъати мусиқӣ ва сарояндагӣ, тасвирӣ ва дизайн, баланд бардоштани маҳорати касбӣ ва зебоишиносӣ, тақвият бахшидан ба ҳунари баланди иҷрокунандагӣ, таблиғ ва эҳёи ҳунарҳои мардумӣ, муаррифии фарҳанги волои миллати тоҷик, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба суннатҳои неки аҷдодӣ, сатҳи касбии асарҳои нави мусиқӣ, офарандагӣ, интихоби намунаҳои беҳтарини оҳангу суруд, коллексияҳо ва асарҳои рассомӣ, ки инъикоскунандаи фарҳанги гузашта ва имрӯзаи миллати тоҷикро таҷассум намоянд, гузаронида мешавад.

2. Мазмун ва ғояи асосии суруду оҳанг, асарҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн, ки ба Озмун пешниҳод мешаванд, тараннуми шахсиятҳои барҷастаи халқи тоҷик, дастовардҳои замони Истиқлоли давлатӣ, арҷ гузоштан ба анъанаҳои милливу мероси пурғановати ниёгон, табиати зебоманзари Тоҷикистон ва эҳё намудани ҳунарҳои мардумиро дар бар мегирад.

### 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

3. Сарпарасти Озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

4. Масъулони баргузории Озмун вазоратҳои фарҳанг, маориф ва илм, кумитаи телевизион ва радио, иттифоқҳои композиторон, рассомон ва дизайнерони Тоҷикистон мебошанд.

5. Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила ҷиҳати ҷалби наврасон, ҷавонон ва занони боистеъдод ба Озмун мусоидат менамоянд.

6. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, раёсат, шуъба ва бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, фарҳанг, маориф, ҷавонон ва варзиш, занон ва оилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ масъули ташкил ва баргузории Озмун мебошанд.

### 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

7. Барои гузаронидани Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» комиссияи ҷумҳуриявӣ (минбаъд – комиссияи Озмун) таъсис дода мешавад, ки ҳайати он бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

8. Ваколати комиссияи Озмун:
- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои дуюм ва сеюми Озмун;
- якҷо бо ҳайати ҳакамон гузаронидани семинари машваратӣ;
- муайян намудани ҷойи баргузории даври дуюми Озмун дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони Озмун;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни Озмун ба даври сеюм;
- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабону иштирокчиён;
- тасдиқи протокол ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони даври сеюми Озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи Озмун ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот ва шиносоӣ.

9. Комиссияи Озмун дар ҳолати ҷавобгӯ набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи низомномаи мазкур, инчунин дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, комиссияи Озмун ваколати ҳалли онро дорад.

### 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

10. Озмуни мазкур дар се давр гузаронида мешавад:
- даври якум - моҳи апрели соли 2024 дар маркази шаҳру ноҳияҳо;
- даври дуюм - моҳи июни соли 2024 дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври сеюм - нимаи дуюми моҳи сентябри соли 2024 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида, бо супоридани ҷоизаву дипломҳо ҷамъбаст мешавад.

11. Корҳои ташкилӣ барои баргузор кардани даврҳои якум ва дуюми Озмун ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо вогузор мегардад.

12. Протоколи даври дуюми Озмун бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ва раиси ҳакамон ба комиссияи Озмун пешниҳод мешавад.

13. Ҳуҷҷатҳои ғолибони даври дуюм аз ҷониби ҳайати ҳакамон бо протоколҳои расмӣ тасдиқ шуда, барои иштирок дар даври сеюм ба комиссияи Озмун пешниҳод карда мешаванд.

14. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври дуюм ба даври сеюм то 1 август муқаррар карда мешавад.

15. Рафти даврҳои Озмун тавассути воситаҳои ахбори омма ва шабакаҳои телевизиону радио ба таври васеъ инъикос мешаванд.

### 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

16. Ба Озмун, қабл аз ҳама, асарҳои тозаэҷоди оҳангсозон-бастакорон ва рассомони ватанӣ, инчунин асарҳо аз осори беҳтарини мусиқии классикӣ, беҳтарин мусаввараҳои классикии навъҳои санъати тасвирӣ ва ҳунарҳои мардумии ватаниву ҷаҳонӣ дар жанрҳои мусиқии анъанавӣ, академӣ ва эстрадӣ пешниҳод мешаванд.

17. Озмун дар байни гурӯҳҳои зерин доир мегардад:
- хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии мусиқии касбӣ, мактабҳои санъат ва рассомии бачагона, инчунин коллеҷи санъат, коллеҷи рассомӣ ва муассисаҳои олии касбӣ, сарояндагону навозандагони филармонияҳои халқӣ, театрҳои халқӣ, дастаҳои ҳунарии назди раёсат, шуъбаву бахшҳои фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, ансамблҳои ҳунарӣ, оилавӣ (минбаъд – гурӯҳи касбӣ);
- хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ғайрисоҳавӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият, намояндагони касбу кори гуногуни ғайрисоҳавӣ (минбаъд – гурӯҳи ҳаваскорон);
- шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ё кору фаъолият доранд.

18. Барои ҳар як гурӯҳ меъёрҳои Озмунро комиссияи Озмун дар ҳамкорӣ бо Вазорати фарҳанг муқаррар менамояд.

19. Довталабоне, ки дар даври якуми Озмун тибқи раддабандии синнусолӣ ба қайд гирифта мешаванд, то даври сеюм ба ҳамин тартиб иштирок менамоянд.

20. Дар Озмун шахсони шинохтаи санъати мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн, сарояндагону навозандагон, рассомону дизайнерони унвондору касбӣ ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти соҳаи санъати касбӣ иштирок намекунанд.

21. Ҳамзамон як шахс дар ду номинатсия ширкат варзида наметавонад.

22. Ғолибони Озмун бо Шоҳҷоиза, ҷоизаҳои якум, дуюм ва сеюм, диплом ва мукофотпулиҳо сарфароз гардонида мешаванд.

23. Ғолибони Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» (лауреатҳои Шоҳҷоиза, ҷоизаҳои якум, дуюм ва сеюм) баъди се сол ҳуқуқи иштирок дар Озмунро пайдо мекунанд.

24. Раддабандии синнусолӣ ба таври зайл сурат мегирад:
1) номинатсияи оҳангсозӣ - бастакорӣ:
- аз 18 то 35-сола;
2) номинатсияҳои сарояндагӣ, навозандагӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн:
- аз 12 то 17-сола;
- аз 18 то 35-сола.

25. Дар Озмун истифодаи фонограмма қатъиян манъ аст.

26. Теъдоди иштирокчиёни даври якум бемаҳдуд буда, ғолибони даври якум ба даври дуюм ва ғолибони даври дуюм ба даври сеюм роҳ меёбанд.

27. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти ӯ) шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида мешавад. Шакли шартномаро Вазорати фарҳанг омода карда, ба ҳамаи муассисаҳои таълимӣ мерасонад.

28. Баромади иштирокчиёни Озмун дар даврҳои дуюм ва сеюм тибқи қуръапартоӣ сурат мегирад.

29. Иштирокчиёни номинатсияи санъати тасвирӣ ва дизайн дар ҳама даврҳои Озмун асарҳои худро пешниҳод менамоянд.

### 6. НОМИНАТСИЯҲО ВА ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

30. Озмун аз рӯйи номинатсияҳои зерин гузаронида мешавад:
- оҳангсозӣ-бастакорӣ;
- сарояндагӣ;
- навозандагӣ;
- санъати тасвирӣ;
- дизайн.

31. Дар панҷ номинатсия асарҳое пешниҳод мегарданд, ки дар мавзуи зебоии табиати Тоҷикистон, ишқу ҷавонӣ, васфи Ватану ватандӯстӣ, ғояҳои Истиқлолу озодӣ, сулҳу субот, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тараннуми симоҳои барҷастаи миллат, ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, об ҳамчун манбаи ҳаёт, ободӣ, эҳёи ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра таълиф шудаанд.

32. Ба Озмун дар номинатсияи санъати тасвирӣ асарҳое қабул карда мешаванд, ки дар рӯйи матоъ (холст) ё коғаз сохта шудаанд. Барои офаридани асар аз навъҳои зерини масолеҳ бояд истифода карда шавад: чӯб, метал, хокаи махсус, гил, гуаш, акрил, рангҳои равғанӣ, акварел, пастел, қаламҳои ранга ва сиёҳ.

33. Нусхабардории асарҳои рассомони дигар аз сомонаҳои интернетӣ қатъиян манъ аст. Асари офаридашуда бояд бе ёрии падару модарон ва устодон тартиб дода шуда, дар қисмати пушти он маълумоти зерин қайд карда мешавад: номинатсия, номи асар, насаб, ном, номи падар, синну соли иштирокчии Озмун, номи муассиса, суроғаи ҷойи истиқомат ва роҳбар (омӯзгор).

34. Ҳаҷми корҳои пешниҳодшаванда бояд андозаи 50x60, 50x70, 60x80, 70x90 ва 80x100 см бошанд.

35. Ҳар як иштирокчӣ метавонад ба Озмун на бештар аз 3 (се) асар пешниҳод намояд.

36. Аз иштирокчиёни номинатсияҳои санъати тасвирӣ ва дизайн (аз даври аввал то даври ниҳоии Озмун) ба таври ҳатмӣ дар назди ҳайати ҳакамон супоридани имтиҳони маҳорат талаб карда мешавад.

37. Асарҳое, ки дар даври ниҳоии Озмун соҳиби Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм гардидаанд, ба соҳибонашон баргардонида намешаванд.

38. Асарҳои ғолибони даври сеюми Озмун ба Муассисаи давлатии «Осорхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд.

39. Дар Озмун ба асарҳои тозаэҷод, симои зоҳирӣ ва сарулибоси саҳнавии иштирокчиён афзалият дода шуда, ба такрори суруду оҳангҳо, асарҳои рассомӣ ва дизайнерӣ дар даврҳои Озмун роҳ дода намешавад.

40. Ҳар як номинатсия дорои талаботи махсуси касбӣ мебошад.

1) талаботи номинатсияи оҳангсозӣ - бастакорӣ:
- дар ин номинатсия иштирокчиён бояд дорои таҳсилоти миёнаи махсуси мусиқӣ ва олии мусиқӣ, инчунин намояндагони мактаби суннатии устод-шогирд (бо нишондоди мушаххаси мактаб ва устод) бошанд;
- иштирокчиёни номинатсияи оҳангсозӣ - бастакорӣ асарҳои худро метавонанд дар жанрҳои дилхоҳи худ бо истифодаи жанрҳои камеравӣ, сюита, сонатино, вариатсия, пиеса, романс, суруд, кантата, инчунин дар жанрҳои хосаи мусиқии анъанавӣ ва мусиқии эстрадӣ пешниҳод намоянд;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар)-ро пешниҳод менамояд. Дар ин номинатсия аз довталаб санҷиши тахассусӣ гирифта мешавад. Тақризи касбӣ ба ҳар як асари пешниҳодшуда ҳатмӣ мебошад;
- асарҳо дар шакли клавир, партитура ё сабти нотавии шакли дигар (хусусан барои жанрҳои суннатӣ) ба комиссияи Озмун пешниҳод карда мешаванд;
- дар даври дуюм ва даври сеюм асарҳо дар шакли мусиқии зинда (иҷрои амалӣ) баррасӣ мегарданд;
- ҳангоми баҳогузорӣ ба техникаи оҳангсозӣ-бастакорӣ (тарзи созбандӣ, фактура, хусусиятҳои драматургиву композитсионӣ), мутобиқати мавзуъ ба жанр, ҳамоҳангии матни шеърӣ ба мусиқӣ аҳамияти ҷиддӣ дода мешавад;
- хоҳишмандон аз гурӯҳи ҳаваскорон барои иштирок кардан дар ин бахш бо тариқи ариза муроҷиат намуда, баъди гузаштан аз санҷиши тахассусӣ имкони иштирокро пайдо менамоянд;

2) талаботи номинатсияи сарояндагӣ:
- дар иҷрои барномаи сароянда маҳорати касбӣ, талаффузи бурро, тарзи баён, нафаси равон, диапазони васеи овоз, тақсимбандии дурусти ҳиҷоҳо, саҳназебӣ, либоси саҳнавӣ, одоб ва ҳаракати саҳнавӣ, ҷалби шунаванда ва самимияти сарояндагӣ ба эътибор гирифта мешавад;
- иштирокчӣ ба ҳар даври Озмун як асар (ҳамагӣ 3 асар)-ро дар жанрҳои гуногун пешниҳод менамояд;
- иштирокчӣ метавонад барномаи худро аз асарҳо дар жанрҳои суруд, романс, ария, ариозо, жанрҳои дигари мусиқии камеравии вокалӣ аз осори композиторони ватанӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин жанрҳои дахлдори мусиқии суннатӣ (аз шашмақом, фалак, мақомҳои маҳаллӣ ва ғайра) ва мусиқии эстрадӣ мураттаб созад;
- дар ин номинатсия пешниҳоди силсилавӣ низ иҷозат дода мешавад;
- тарҷумаи таҳтуллафзии матни шеъру суханҳои сурудҳои бо забонҳои дигар иҷрошаванда ҳатман пешниҳод карда шаванд;
- дар пешниҳоди сарояндагӣ ба шеърҳои муосир, хусусан истифодаи шеърҳо аз баёзҳои тозанашр афзалият дода мешавад;

3) талаботи номинатсияи навозандагӣ:
- дар баромади навозанда маҳорати касбӣ, интихоби арзишманди асари мусиқӣ, мазмун ва жанри асар, хушсадоӣ, техникаи садобарорӣ, дилнишинии сабки навозандагӣ, одоби саҳнавӣ, симои зоҳирӣ, эҳсосоти зарбиву оҳангӣ, самимият ва аслияти сабки навозандагӣ ба эътибор гирифта мешаванд;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар)-ро пешниҳод менамояд, ки онҳо бояд ба жанрҳои гуногун тааллуқ дошта бошанд;
- иштирокчӣ метавонад барномаи худро аз асарҳо дар жанрҳои гуногуни мусиқии полифонӣ, соната, вариатсия, консерт, пйесаи консертӣ, жанрҳои дигари мусиқии камеравии созӣ аз осори композиторони ватанӣ ва ҷаҳонӣ, инчунин жанрҳои дахлдори мусиқии суннатӣ (аз шашмақом, фалак, мақомҳои маҳаллӣ ва ғайра) ва мусиқии эстрадӣ мураттаб созад;
- дар ин номинатсия пешниҳоди силсилавӣ низ иҷозат дода мешавад;
- дар пешниҳоди навозандагон ба сабакҳои аслии санъати навозандагии тоҷик афзалият дода мешавад;

4) талаботи номинатсияи санъати тасвирӣ:
- дар иҷрои барномаи санъати тасвирӣ маҳорати рассомӣ, интихоби асар, мазмуни асари офаридашуда, масолеҳи истифодашуда ҳангоми офаридани асар ба эътибор гирифта мешавад;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар)-ро пешниҳод менамояд, ки онҳо бояд ба мавзуъҳои гуногун бахшида шуда бошанд;
- иштирокчии номинатсияи санъати тасвирӣ метавонад асари худро аз рӯйи равияҳои рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, графика, миниатюра, санъати ороиши амалӣ, кулолгарӣ, маҳсулоти бадеӣ аз метал, коркарди бадеии чӯб, коркарди масолеҳи сангӣ, бофандагӣ, гаҷкорӣ, наққошӣ пешниҳод намояд;

5) талаботи номинатсияи дизайн:
- дар иҷрои барномаи дизайнерӣ касбияти дизайнерӣ, диди нав, навоварӣ, эҷоди асарҳои мубрам ба эътибор гирифта мешавад;
- иштирокчӣ ба ҳар давр як асар (ҳамагӣ 3 асар)-ро пешниҳод менамояд, ки онҳо бояд ба мавзуъҳои гуногун бахшида шуда бошанд;
- иштирокчии номинатсияи дизайн метавонад асарҳои худро дар равияҳои батика, гобелен, кошинкорӣ, мӯд, витраж, зебосозии либос, реклама, дизайни графикӣ ва ғайра пешниҳод намояд.

41. Регламенти баромади довталаб дар даври дуюм то 10 дақиқа ва дар даври сеюм то 20 дақиқа муайян мегардад.

### 7. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

42. Ҳайати ҳакамони даври якум аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз ҳисоби мусиқишиносон, композиторон, санъатшиносон, омӯзгорони муассисаҳои махсуси санъати мусиқӣ дар мувофиқа бо Вазорати фарҳанг интихоб гардида, ҳайати ҳакамони даврҳои дуюму сеюм бо пешниҳоди Вазорати фарҳанг, иттифоқҳои композиторон, рассомон ва дизайнерон аз ҷониби комиссияи Озмун тасдиқ карда мешаванд. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар Озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад.

43. Ҳайати ҳакамон аз рӯйи меъёри то 10 хол ғолибонро муайян мекунад.

44. Ҳайати ҳакамон барои ҷобаҷогузории дурусти асарҳои мусиқӣ, санъати тасвирӣ ва дизайни пешниҳодгардида дар жанрҳои мувофиқи вобаста ба номинатсиҳои Озмун уҳдадор мебошад.

### 8. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

45. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо, будубош дар маҳали баргузории Озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манъ нагардида пардохт карда мешавад.

46. Ғолибони даврҳои якуму дуюми Озмун ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳое, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

47. Омӯзгороне, ки шогирдони онҳо дар даври сеюми Озмун сазовори ҷойҳои якум мегарданд, бо нишони фахрии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» сарфароз гардонида мешаванд.

48. Ғолибони Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм аз номинатсияи оҳангсозӣ-бастакорӣ пас аз хатми муассисаи олии касбии соҳавӣ ба аъзогии Иттифоқи композиторони Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.

49. Омӯзгороне, ки шогирдони худро дар раддабандии синнусолии аз 12 то 17-сола аз даври якум то даври сеюми Озмун омода менамоянд ва дар даври ниҳоӣ онҳо соҳиби Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро сазовор мешаванд, аз ҳисоби Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои пулӣ қадрдонӣ мешаванд.

50. Омӯзгорони иштирокчиён дар он сурат ҳавасманд гардонида мешаванд, ки ҳуҷҷати тасдиқкунандаи муассисаро дар хусуси омӯзгори воқеӣ будан пешниҳод намоянд.

51. Ба ғолибони даври сеюм ва омӯзгорони онҳо тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

52. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тартиби додани мукофот ва ҷоизаро барои ғолибони даврҳои якум ва дуюми Озмун раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

53. Ҷиҳати ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои Озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

### 9. ТАРТИБИ ИШТИРОК ДАР ДАВРИ СЕЮМИ ОЗМУН

54. Барои иштирок дар даври сеюми Озмун ба комиссияи Озмун ҳуҷҷатҳои зерин ба таври ҳатмӣ дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешаванд:
1) барои рассомон ва дизайнерон:
- маълумот дар бораи довталаб;
- нусхаи шиноснома (шаҳодатномаи таваллуд);
- маълумотнома аз роҳбари муассисаи таълимӣ;
- 4 дона сурати 3x4;
- асарҳое, ки аз даври дуюми Озмун гузаштаанд;
- нусхаи диплом оид ба таҳсилоти махсуси миёна ва ё олии рассомӣ, санъати тасвирӣ ва дизайн (барои гурӯҳи касбӣ);
2) барои оҳангсозӣ-бастакорӣ, сарояндагон ва навозандагон:
- маълумот дар бораи довталаб;
- нусхаи шиноснома (шаҳодатномаи таваллуд);
- асарҳо дар шакли ҳомили электронӣ;
- сабти нотавӣ (тибқи талаботи Озмун);
- матни шеърҳо дар се нусха;
- нусхаи диплом оид ба таҳсилоти махсуси миёна ва ё олии мусиқӣ (барои гурӯҳи касбӣ).

55. Ҳуҷҷатҳо оид ба ҷамъбасти даври сеюм бо протоколҳои расмӣ аз ҷониби ҳайати ҳакамон тасдиқ гардида, комиссияи Озмун онро баррасӣ менамояд.

56. Довталабоне, ки дар даври сеюм ғолиб намебароянд, бо диплом ва ифтихорнома сарфароз гардонида мешаванд.

### 10. ТАРТИБИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

57. Дар даври сеюм ба ҳар як номинатсия як Шоҳҷоиза ҷудо карда мешавад.

58. Ба ғолиби беҳтарин Шоҳҷоиза дода мешавад.

59. Шоҳҷоиза ба иштирокчие дода мешавад, ки дар оҳангсозӣ-бастакорӣ, суруд хондану мусиқӣ навохтан, офаридани асарҳои тасвирӣ ва ҳунарҳои наққошиву дизайнерӣ маҳорат ва истеъдоди фавқулода дошта, маҳорату истеъдод ва касбияти ӯ аз ғолиби ҷойи якум болотар аст.

### 11. ИМТИЁЗҲО

60. Соҳиби Шоҳҷоиза ва ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун тавассути барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ муаррифӣ гардида, ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро пайдо менамоянд.

61. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ, донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, ки соҳиби Шоҳҷоиза ва ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун шудаанд, барои таҳсил дар марказҳои бачагонаи рассомӣ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, миёнаи касбӣ ва олии касбии соҳаи фарҳанги кишвар, инчунин ба ихтисосҳои омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқӣ ба мӯҳлати се сол бе супоридани имтиҳонҳо дар гурӯҳҳои ройгон ҳуқуқи таҳсил доранд.

62. Иштирокчиёни даври сеюми Озмун (хонандагони синфҳои 9 ва 11) дар соли ҷорӣ ба ихтисосҳои соҳаи фарҳанг ва омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, миёнаи касбӣ ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳон ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибон ва иштирокчиёни даври сеюми Озмунро Вазорати маориф ва илм тибқи муқаррарот муайян менамояд.

63. Вазорати фарҳанг протокол ва санадҳои ғолибони Озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

**Замимаи 2**
**ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024,**
**№АП-479**

# ҲАЙАТИ
## КОМИССИЯИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН - ВАТАНИ АЗИЗИ МАН»

- муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) - раиси комиссияи Озмун;
- вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси комиссияи Озмун;
- раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - муовини раиси комиссияи Озмун;
- муовини якуми вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон - котиби Комиссияи Озмун.

**Аъзои комиссияи Озмун:**
- сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
- раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ректори Консерваторияи миллии Тоҷикистон;
- ректори Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода;
- ректори Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон;
- раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон;
- раиси Иттифоқи рассомони Тоҷикистон;
- раиси Иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон.

**Замимаи 3**
**ба Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024, №АП-479**

# ҶОИЗАҲОИ
## ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН - ВАТАНИ АЗИЗИ МАН»

**1. Номинатсияи оҳангсозӣ - бастакорӣ (аз 18 то 35-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри академӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри анъанавӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри эстрадӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 15 | 345 000 |

**2. Номинатсияи сарояндагӣ (аз 12 то 17-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри академӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри анъанавӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри эстрадӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 15 | 345 000 |

**3. Номинатсияи сарояндагӣ (аз 18 то 35-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри академӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри анъанавӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри эстрадӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 15 | 345 000 |

**4. Номинатсияи навозандагӣ (аз 12 то 17-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри академӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри анъанавӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри эстрадӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 15 | 345 000 |

**5. Номинатсияи навозандагӣ (аз 18 то 35-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри академӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 20 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри анъанавӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри эстрадӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 15 | 345 000 |

(Давомаш дар саҳ. 4)

(Идома аз саҳ. 3)

**6. Номинатсияи санъати тасвирӣ (аз 12 то 17-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри санъати тасвирӣ (рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, графикаи дастгоҳӣ, миниатюра)** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри санъати ороиши амалӣ (кулолгарӣ, маҳсулоти бадеӣ аз метал, наққошӣ, коркарди бадеии чӯб, коркарди масолеҳи сангӣ)** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 10 | 230 000 |

**7. Номинатсияи санъати тасвирӣ (аз 18 то 35-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри санъати тасвирӣ (рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, графикаи дастгоҳӣ, миниатюра)** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри санъати ороиши амалӣ (кулолгарӣ, маҳсулоти бадеӣ аз метал, наққошӣ, коркарди бадеии чӯб, коркарди масолеҳи сангӣ)** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 10 | 230 000 |

**8. Номинатсияи дизайн (аз 12 то 17-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри дизайни графика, реклама, дохили бино** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри дизайни мӯд ва бофандагии бадеӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 10 | 230 000 |

**9. Номинатсияи дизайн (аз 18 то 35-сола)**

| Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|
| **Жанри дизайни графика, реклама, дохили бино** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Жанри дизайни мӯд ва бофандагии бадеӣ** | | | |
| Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| Ҷойи сеюм | 15 000 | 2 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 5 | 115 000 |
| **Ҷамъ** | | 10 | 230 000 |
| **Ҷамъи бандҳои 1-9** | | 115 | 2 645 000 |

**10.Маблағ барои омӯзгороне, ки шогирдонашон дар Озмун Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро мегиранд**

| № | Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Шоҳҷоиза | 10 000 | 4 | 40 000 |
| 2 | Ҷойи якум | 10 000 | 10 | 100 000 |
| 3 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 20 | 200 000 |
| 4 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 20 | 200 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 54 | 540 000 |

**11. Шоҳҷоиза**

| № | Таъиноти хароҷот | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Номинатсияи оҳангсозӣ-бастакорӣ | 50 000 | 1 | 50 000 |
| 2 | Номинатсияи сароядагӣ | 50 000 | 1 | 50 000 |
| 3 | Номинатсияи навозандагӣ | 50 000 | 1 | 50 000 |
| 4 | Номинатсияи санъати тасвирӣ | 50 000 | 1 | 50 000 |
| 5 | Номинатсияи дизайн | 50 000 | 1 | 50 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 5 | 250 000 |

**12. Хароҷоти иловагӣ**

| № | Таъиноти хароҷот | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|
| 1 | Омода кардани ҷоми шоҳҷоизаҳо, дипломҳо, сафари ҳайати ҳакамони даври дуюм ба вилоят ва шаҳру ноҳияҳо, ҳавасмандгардонии ҳайати ҳакамони даври сеюм ва хароҷоти дигар | 350 000 |

**13. Маблағи умумӣ**

| № | Таъиноти хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Ҷоизаҳо аз рӯйи номинатсияҳо | 115 | 2 645 000 |
| 2 | Шоҳҷоиза | 5 | 250 000 |
| 3 | Барои омӯзгорони иштирокчиёни ғолибомада | 54 | 540 000 |
| 4 | Хароҷоти иловагӣ | - | 350 000 |
| **Ҳамагӣ** | | 174 | 3 785 000 |

**Замимаи 1**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024, №АП-480**

# НИЗОМНОМАИ
# ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» (минбаъд - Озмун) таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2024 баргузор мешавад.

2. Озмун бо мақсади баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ, тақвияти ҷаҳони маънавӣ миёни аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар доир мегардад.

3. Озмун аз рӯйи шаш номинатсия баргузор мешавад:
- адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ;
- адабиёти классикии тоҷик;
- адабиёти муосири тоҷик;
- адабиёти ҷаҳон;
- эҷоди назм;
- эҷоди наср.

4. Довталабони номинатсияҳо ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

1) Номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ (3 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8);
- гурӯҳи сеюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11).

2) Номинатсияи адабиёти классикии тоҷик (4 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11);
- гурӯҳи сеюм - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи чорум - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

3) Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик (4 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11);
- гурӯҳи сеюм - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи чорум - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

4) Номинатсияи адабиёти ҷаҳон (4 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4);
- гурӯҳи дуюм - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11);
- гурӯҳи сеюм - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи чорум - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

5) Номинатсияи эҷоди назм (3 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11);
- гурӯҳи дуюм - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи сеюм - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

6) Номинатсияи эҷоди наср (3 гурӯҳ):
- гурӯҳи якум - хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11);
- гурӯҳи дуюм - донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо);
- гурӯҳи сеюм - омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун.

## 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

5. Сарпарасти Озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

6. Масъулони баргузории Озмун вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ», Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошанд.

7. Кумитаҳои кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории Озмун иштирок мекунанд.

8. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор кардани даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун масъул буда, ғолибон ва омӯзгорони онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

9. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, раёсату шуъбаҳои маориф, бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, фарҳанг, ҷавонон ва варзиш, шуъба ва бахшҳои вилоятию минтақавии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон масъули ташкил ва баргузории Озмун мебошанд.

## 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

10. Барои гузаронидани Озмун комиссияи Озмуни ҷумҳуриявӣ (минбаъд-комиссияи Озмун) таъсис дода шуда, ҳайати он бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

11. Ваколати комиссияи Озмун:
- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- пешниҳоди ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми Озмун;
- барои ҳайати ҳакамон гузаронидани семинари машваратӣ;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони Озмун;
- муайян намудани ҷойи баргузории даври сеюми Озмун дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи довталабони Озмун ба даври чорум;
- таъсиси комиссияи аппелятсионӣ;
- баррасии пешниҳоди ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон;
- тасдиқи протокол ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони даври сеюм ва чоруми Озмун;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шиносоӣ ва маълумот.

## 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

12. Озмун аз чор давр иборат буда, аз моҳи марти соли 2024 то моҳи ноябри соли 2024 ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:
- даври якум - моҳи март дар муассисаҳои таълимӣ ва ташкилоту муассисаҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот;
Эзоҳ: донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо) танҳо дар маҳале иштирок карда метавонанд, ки муассисаи таълимӣ ва ё илмиашон дар ҳамон маҳал қарор дорад.
- даври дуюм - нимаи аввали моҳи май дар маркази мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва ноҳияҳо;
Эзоҳ: даври дуюми Озмун аз ҷониби намояндаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон назорат карда мешавад.
- даври сеюм - моҳи август дар маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври чоруми Озмун барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм моҳи ноябр дар Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» баргузор мегардад.

13. Протоколи ҳайати ҳакамони даври сеюм ба комиссияи Озмун бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, раисони вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва раисони ҳакамон ба даври чорум пешниҳод мешавад.

14. Ҷойи баргузории даврҳои Озмун дар деҳот, шаҳрак, маркази Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад.

15. Масъулияти баргузории даври якум, дуюм ва сеюми Озмун ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо вогузор карда мешавад. Шумораи ғолибони даври сеюми Озмун, ки ба даври чорум пешниҳод мешаванд, аз ҳар як номинатсия ва гурӯҳ набояд аз 6 нафар зиёд бошад.

16. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми Озмун тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос ва пахш карда мешавад.

17. Мӯҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюм барои иштирок дар даври чорум ба комиссияи Озмун то 20 сентябр муқаррар карда мешавад. Масъулони баргузории Озмун вазифадоранд, ки то 1 октябр тамоми осори пешниҳоднамудаи довталабони номинатсияи назму насрро барои даври чоруми Озмун ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон барои муҳокима ва таҳияи тақриз пешниҳод намоянд.

18. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти вай) метавонад шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида шавад. Намунаи шартномаро Вазорати маориф ва илм омода карда, ба раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамояд.

19. Вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Академияи миллии илмҳо, Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» ва Кумитаи телевизион ва радио масъули гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони Озмун мебошанд.

## 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

20. Дар Озмун аҳолии кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо), омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон, намояндагони касбу кори гуногун ва дигар табақаҳои аҳолии кишвар иштирок карда метавонанд.

21. Довталаби Озмун ба рӯйхати китобҳои хондашуда асарҳоеро бояд пешниҳод намояд, ки аз доираи китобҳои дарсии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ берун бошанд.

22. Дар вақти холгузорӣ ба миқдори асарҳои хондашуда, мухтасар баён кардан, дарки мазмуну муҳтавои асар, хониши ифоданок, шарҳу тавзеҳи калимаҳо бартарӣ дода мешавад. Довталаби Озмун ба ҳайати ҳакамон маҳорату малака, қобилияти хондан ва аз худ кардани осори адибонро пешниҳод менамояд.

23. Ҳайати ҳакамони Озмун аъзои фаъоли китобхона будани довталабро ба инобат мегиранд.

24. Ба мавзуъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлол, таранными дӯстию рафоқат, озодию осоиштагӣ, сулҳу субот, инъикоси саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзуи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, Тиргон, ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ ва тасвири табиати зебои кишвар бартарӣ дода мешавад.

25. Пешниҳоди осори азбаршуда асосан бо забони тоҷикӣ сурат мегирад. Довталаби Озмун дар интихоби забон ҳангоми хондан ва аз худ кардани осори адабиёти кӯдакон ва наврасон, осори адабиёти классикии тоҷик, адабиёти муосири тоҷик ва адабиёти хориҷӣ (тарҷума ва ё асл) озод аст. Ба довталабе, ки осори бадеии адибони ҷаҳонро бо забонҳои хориҷӣ (русӣ, англисӣ ва ғайра) пешниҳод менамоянд, бартарӣ дода мешавад.

26. Довталаби Озмун метавонад аз намунаҳои эҷодиёти халқ, аз ҷумла афсона, қисса, рубоӣ, достон, чистон, тезгӯяк, латифа ва ғайра вобаста ба номинатсияи интихобкардааш истифода намояд.

27. Асарҳои ба Озмун пешниҳоднамудаи ғолибони даври сеюми номинатсияи эҷоди назму наср, ки ба даври чорум пешниҳод шудаанд, барои муҳокимаю баррасӣ ба Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон фиристода мешаванд. Иттифоқи нависандагон то саршавии даври чорум хулосаи мутахассисонро ба комиссияи Озмун пешниҳод мекунад. Асарҳое, ки хулосаи Иттифоқи нависандагонро нагирифтаанд, ба даври чоруми Озмун қабул карда намешаванд.

28. Ба номинатсияи эҷоди назму наср асарҳое пазируфта мешаванд, ки қаблан ба ягон Озмуни дигар пешниҳод нашудаанд.

29. Дар даври чоруми Озмун довталаб шарҳи ҳоли мухтасари худ, рӯйхати асарҳои хонда ва азбаркарда (нусхаи чопии ашъори азёдкардашуда ва номгӯйи асарҳои насрии мутолиакардаашро бо зикри номи муаллиф) ба комиссияи Озмун дар се нусха ба таври ҳатмӣ дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод менамояд. Зикри маълумоти зиёдатӣ, аз ҷумла мазмуни мухтасари асар, қаҳрамонони он, шакли пурраи шеъру ғазалу достон шарт нест.

30. Дар сурати ба талабот ҷавобгӯй набудани номгӯйи асарҳо, пурғалат будани дафтар, ҳамчунин, мукаммал набудани матни шеъру достонҳо ва ё изофанависӣ намудани миқдори матнҳои азбаркардашуда холи довталаб кам карда мешавад. Ҳакамон метавонанд, ки ба рӯйхати пешниҳоднамудаи довталаб маҳдуд нашуда, ба ӯ аз асарҳои дигари маълуму машҳури адибони муосиру классику ҷаҳон вобаста ба номинатсияи иштироккардааш савол диҳанд.

31. Агар довталаб хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар даврҳои якуму дуюм ва сеюм ба қайд гирифта шуда бошад ва дар даври чоруми Озмун донишҷӯи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуда бошад, ҳамчун хонанда дар даври чоруми Озмун иштирок мекунад.

32. Ғолиби даври чоруми Озмун, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардидааст, то се сол дар Озмун ва минбаъд дар номинатсияи ғолибомадааш ҳуқуқи иштирок карданро надорад.

33. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо дар назди шуъба ва раёсатҳои маориф комиссияи қабули ҳуҷҷатҳои довталабони Озмунро таъсис дода, як нафарро ба таври ҳатмӣ котиби масъул таъин менамоянд. Котибони масъули комиссияҳои қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро дар асоси бандҳои 29 ва 30 санҷида, дар асоси санад онро ба комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунанд. Котиби масъули комиссия суроға, рӯз ва ҷойи баргузории Озмунро ба довталабон тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамояд.

## 6. ТАЛАБОТ БА ДОВТАЛАБОНИ ОЗМУН

34. Маҳорату истеъдоди довталабони Озмун аз рӯйи хондани осори манзум ва мансури бадеӣ муайян карда мешавад:
- барои довталабони Озмун хондани роман, повест, ҳикоя, новелла ва дигар жанрҳои адабӣ вобаста ба номинатсияи интихобкардааш иҷозат дода мешавад;
- довталаб дар хондани шеърҳо (ғазал, қасида, рубоӣ, дубайтӣ, порчаҳо аз достонҳо ва дигар жанрҳои лирикӣ) вобаста ба номинатсияи интихобкардааш озод аст;
- довталаби номинатсияи эҷоди назму наср асарҳои худро аз рӯйи навъҳои адабӣ, жанрҳо ва навъҳои анъанавӣ ё нав, адабиёти кӯдакону наврасон, насру драма пешниҳод менамояд.

35. Аз довталаби номинатсияи эҷоди назм таълифи як достони мукаммал дар вазнҳои анъанавӣ, 20 ғазал дар вазнҳои анъанавии арӯз, 20 рубоӣ, 10 дубайтӣ, 3 мухаммас, 2 мусаддас, 4 қасида, 5 шеъри сафед, 10 суруди ватандӯстона, 2 тарҷеъбанд, 2 таркиббанд талаб карда мешавад.

36. Аз довталаби номинатсияи эҷоди наср таълифи 5 ҳикоя, 5 афсона, 2 эссе (барои хонандагони синфҳои 9-11), 5 ҳикоя, 5 афсона, 2 эссе, 1 повест, 1 драма (барои гурӯҳҳои дигар) талаб карда мешавад. Барои пешниҳоди роман афзалият дода мешавад.

## 7. МЕЪЁРИ АРЗЁБӢ

37. Ҳайати ҳакамони Озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди довталаб аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:
- барои таваҷҷуҳ ба мавзуъҳои Ватану ватандӯстӣ, ваҳдату якпорчагии Тоҷикистон, тавсифи ғояҳои Истиқлолу озодӣ, инъикоси саҳм ва ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими давлатдории миллӣ, мавзуи об ҳамчун сарчашмаи ҳаёт, инсондӯстӣ, хайру саховат, накукорӣ, васфи ҷашнҳои Наврӯз, Тиргон, Меҳргон, Сада ишқи поки инсонӣ, эҳсонкорӣ, дӯстию бародарӣ, сулҳу субот, бунёди роҳу нақбҳо ва иншооти бузурги аср, корнамоиҳои фарзандони фарзонаи миллат дар бунёдкорию ободонӣ;
- барои қобилияти нақл ва тарзи қироат, шарҳи мухтасари асар, маълумот оид ба қаҳрамонони асар, баёни лаҳзаҳои ҷолиби асар, қобилияти озодбаёнӣ ва санъати суханварӣ, ҳунари ровигӣ, қобилияти луғатдонӣ ва шарҳи маънои луғавии вожаҳо, дарки дурусти мазмун ва муҳтавои асар, таассурот аз хондани асар.

38. Ба ҳар як довталаб барои муаррифии китобҳои хондааш ва нақлу хондани шеърҳо на камтар аз 20 дақиқа вақт дода мешавад.

39. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба истеъдоди довталабон ҷадвали 10-хола муқаррар карда мешавад. Дар вақти холгузорӣ ба миқдори асарҳои хондашуда, мухтасар баён кардан, дарки мазмуну муҳтавои асар, хониши ифоданок, шарҳу тавзеҳи калимаҳо ва ҷавобҳои пурра 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар то 9 хол, барои ҷавоби хуб то 7-8 хол, барои ҷавоби миёна то 5-6 хол, барои ҷавоби аз миёна поёнтар то 3-4 хол, барои ҷавоби суст 1-2 хол гузошта мешавад.

40. Ҳангоми баҳогузорӣ ба маҳорати довталаби эҷоди назму наср тарзи интихоби мавзуву мундариҷа, риояи рукнҳои вазни арӯз, қофияву радиф, корбарии санъатҳои бадеӣ, интихоби таъбиру ибораҳо, миқдори луғату таъбирҳои нав ва мутобиқати шакл, бандубасти асари бадеӣ ва ба мазмуни асар диққат дода мешавад. Асарҳои пешниҳодкардаи довталабони номинатсияи эҷоди назму насрро аъзои ҳакамон инфиродӣ мутолиа карда, баъдан дар асоси хулоса ва тақризи пешниҳодшуда мавриди баҳогузорӣ қарор медиҳанд.

41. Довталаби бахши назм бояд дар мавзуъҳои пешниҳодшуда бадеҳатан шеър гуфта тавонад. Байти аввал аз ҷониби ҳайати комиссияи Озмун пешниҳод мегардад ва идомаи онро дар ҳамон вазну қофия довталаб хаттӣ ё шифоҳӣ ҷавоб медиҳад. Дар Озмун шахсоне метавонанд иштирок намоянд, ки аъзои Иттифоқи нависандагон набуда, шеърро хуб дарк менамоянд, завқи шоирӣ доранд, нозукиҳои шеърро аз бар кардаанд ва дар рӯзномаву маҷаллаҳои шаҳрӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ намунаи ашъорашон чоп шудааст. Довталаб намунаҳои шеъри худро дар шакли чопӣ ва электронӣ пешниҳод менамояд. Инчунин, довталаби бахши мазкур аз шоирони классик, муосир ва ҷаҳон дар жанрҳои гуногун на камтар аз 3000 мисраъ аз ёд донад, рӯйхати ашъори азёднамудаашро пешниҳод намояд.

42. Қобилияти адиби насрнавис нахуст бо навиштани нақли хаттӣ санҷида мешавад. Мавзуи нақли хаттиро дар рӯзи оғози Озмун ҳайати комиссияи Озмун муайян мекунад.

43. Довталаби бахши наср бояд рӯйхати асарҳои мутолианамудаашро пешниҳод намояд ва муҳимтарин асарҳои адибони классикӣ, муосир ва машҳури ҷаҳонро мутолиа карда бошад.

## 8. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

44. Ҳайати ҳакамони даврҳои Озмуни Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳуриро раиси комиссияи Озмун бо санади дахлдор тасдиқ менамояд. Ҳайати ҳакамон амалҳои зеринро иҷро мекунад:
- тибқи пешниҳоди комиссияи Озмун маҳорату истеъдоди довталабонро натиҷагирӣ мекунад;
- холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамояд;
- натиҷаи Озмунро дар протокол дарҷ карда, бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ менамояд.

45. Ҳайати ҳакамони даврҳои Озмуни шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо пешниҳоди комиссияи тадорукоти шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби раисони шаҳру ноҳияҳо тасдиқ карда мешавад.

46. Ба ҳайати ҳакамони даври Озмуни шаҳрӣ, ноҳиявӣ, деҳоту шаҳрак намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорон, шоирону нависандагон, олимону рӯзноманигорон, роҳбарони китобхонаҳо, аъзои ҷамъияти китобдӯстон ва иттифоқҳои касаба ворид мешаванд. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар Озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад. Шумораи ҳайати ҳакамон бо раису аъзо бояд 5 нафар бошад.

47. Хулосаи ҳайати ҳакамони даври чорум дар комиссияи Озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

48. Комиссияи Озмун дар ҳолати ҷавобгӯй набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи Низомномаи мазкур (дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ) ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, комиссияи Озмун ваколати ҳалли онро дорад.

## 9. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

49. Хароҷоти баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва хароҷоти вобаста ба сафарбаркунии ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври чоруми Озмун, будубоши онҳо дар маҳали баргузории Озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

50. Ғолибони даври якум, дуюм, сеюми Озмун ва омӯзгорони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

51. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдони онҳо дар даври чоруми Озмун сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва ё барандаи Шоҳҷоиза мегарданд, бо нишони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» сарфароз гардонида мешаванд.

52. Падару модароне, ки фарзандони онҳо дар даври чоруми Озмун ғолиби ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ё барандаи Шоҳҷоиза мегарданд, бо нишони «Маърифатпарвар» ва «Ифтихорнома»-и Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ» сарфароз гардонида мешаванд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Вазорати маориф ва илм таҳия ва тасдиқ менамояд.

53. Хароҷоти баргузории чорабинии даври чоруми Озмун аз суратҳисоби махсуси Вазорати маориф ва илм пардохт карда мешавад.

54. Ба ғолибони даври чоруми Озмун ва ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки дар даври чоруми Озмун ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ё Шоҳҷоизаро сазовор шудаанд, инчунин ба омӯзгорони онҳо тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

55. Рӯйхати ғолибони даври чоруми Озмун ва омӯзгорони онҳо аз тарафи комиссияи Озмун омода ва барои маълумот ва шиносоӣ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

56. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тартиби додани мукофот ва ҷоизаро раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо тасдиқ ва амалӣ менамоянд.

57. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои Озмун ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.

## 10. ТАРТИБИ ИШТИРОК ДАР ДАВРИ ЧОРУМИ ОЗМУН

58. Барои иштирок дар даври чоруми Озмун ба комиссияи Озмун ҳуҷҷатҳои зерин дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод мешаванд:
- маълумоти мухтасар дар бораи довталаб;
- рӯйхати асарҳои мутолиашуда;
- ашъори азёдшуда;

(Давомаш дар саҳ. 5)

**(Идома аз саҳ. 4)**

- нусхаи чопӣ ва электронии шеърҳои азёдкарда, рӯйхати асарҳои насрии мутолиакарда бо зикри номи муаллиф;
- довталабони эҷоди назму наср тибқи талаботи бандҳои 40-41 низомномаи мазкур намунаи эҷодиёт ва шеъру асарҳои азбаркардаи худро пешниҳод менамоянд;
- нусхаи протоколҳои ҳайати ҳакамони даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун.

59. Ҳуҷҷатҳои ғолибони даври сеюми Озмунро ба даври чорум котиби масъули комиссияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба комиссияи Озмун пешниҳод менамояд.

### 11. ТАРТИБИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

60. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабе метавонад иштирок намояд, ки дар даври чоруми Озмун дар гурӯҳи номинатсияи худ ҷойи якумро сазовор гардидааст.

61. Дар ҳолати муайян шудани ғолиби Шоҳҷоиза натиҷаи ҷойҳои ишғолкардаи ғолибони ҳамон гурӯҳи номинатсия як зина боло бардошта мешавад.

62. Барандаи Шоҳҷоиза довталабе шуда метавонад, ки ба саволҳои иловагии ҳакамон ҷавоб дода тавонад, дафтари ӯ ҷавобгӯйи талаботи Низомномаи Озмун буда, рӯйхати асарҳои мутолианамуда ва аз ёдкарда мутобиқ ба синну сол ва гурӯҳи худаш бошад. Ҳангоми баҳо додан донистани забонҳо ва аъзои фаъоли китобхонаҳо будан, талабот ва нуктаҳои бобҳои 6 ва 7 низомномаи мазкур ба эътибор гирифта мешавад.

### 12. ИМТИЁЗҲО

63. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11), донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ (бакалавр, магистр), ки дар даври чоруми Озмуни «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 ё барандаи Шоҳҷоиза гардидаанд, ба ихтисоси интихобкардаашон ба муҳлати се сол бе супоридани имтиҳон тибқи тавсияномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи олии таълимӣ ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

64. Довталабони даври чоруми Озмун (хонандагони синфи 11) дар соли ҷорӣ ба ихтисосҳои омӯзгорӣ ва филологии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳон ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибон ва довталабони даври чоруми Озмунро Вазорати маориф ва илм тибқи муқаррарот муайян менамояд.

65. Вазорати маориф ва илм протокол ва санадҳои ғолибони Озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупорад.

**Замимаи 2**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024,**
**№АП-480**

# ҲАЙАТИ
## КОМИССИЯИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

- муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа), раиси комиссия;
- вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини раиси комиссия;
- муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, котиби комиссия.

**Аъзои комиссия:**
- сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
- раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон;
- директори Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон.

**Замимаи 3**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024, №АП-480**

# ҶОИЗАҲОИ
## ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

**1. Номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ (3 гурӯҳ):**
**- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-8)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**2. Номинатсияи адабиёти классикии тоҷик (4 гурӯҳ):**
**- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**3. Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик (4 гурӯҳ):**
**- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**4. Номинатсияи адабиёти ҷаҳон (4 гурӯҳ):**
**- хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 1-4)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 5-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**5. Номинатсияи эҷоди назм (3 гурӯҳ):**
**- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**6. Номинатсияи эҷоди наср (3 гурӯҳ):**
**- хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ (синфҳои 9-11) ва ибтидоии касбӣ (синфҳои 10-11)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, баъд аз муассисаҳои таҳсилоти касбӣ (магистрҳо, аспирантҳо, докторантҳо)**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**- омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ходимони илмию адабии муассисаҳои илмиву эҷодӣ, фарҳангу санъат, калонсолон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 3 | 60 000 |
| Ҳамагӣ | | | 6 | 145 000 |

**Шоҳҷоиза ***

| № | Номинатсияҳо | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Номинатсияи кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 2 | Номинатсияи адабиёти классикии тоҷик | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 3 | Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик | 70 000 | 1 | 70 000 |
| 4 | Номинатсияи адабиёти ҷаҳон | 70 000 | 1 | 70 000 |
| Ҳамагӣ | | | 4 | 280 000 |

***Ғолиби ҷойи якуми номинатсияи эҷоди назм ва эҷоди наср метавонанд, дар номинатсияҳои болозикр ихтиёран иштирок намоянд.**

**Маблағи умумӣ барои ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва Шоҳҷоиза**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум | 35 000 | 21 | 735 000 |
| 2 | Дуюм | 25 000 | 42 | 1 050 000 |
| 3 | Сеюм | 20 000 | 63 | 1 260 000 |
| 4 | Шоҳҷоиза | 70 000 | 4 | 280 000 |
| Ҳамагӣ | | | 130 | 3 325 000 |

**Маблағ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки шогирдонашон дар Озмун ҷойҳои 1, 2, 3 ва Шоҳҷоизаро мегиранд**

| № | Ҷой | Маблағ | Шумораи ҷоизагиранда | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Якум, дуюм, сеюм | 10 000 | 66 | 660 000 |
| 2 | Шоҳҷоиза | 10 000 | 4 | 40 000 |
| Ҳамагӣ | | | 70 | 700 000 |

**Хароҷоти иловагӣ**

| № | Хароҷот | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | Омода кардани ҷомҳои Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун ва хароҷоти дигар | 545 000 (панҷсаду чилу панҷ ҳазор) |

**Маблағи умумӣ**

| № | Ҷоиза ва хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Барои ҷоизаҳо ва Шоҳҷоиза | 130 | 3 325 000 |
| 2 | Барои омӯзгорон | 66+4 | 700 000 |
| 3 | Омода кардани ҷомҳои шоҳҷоиза, ҷойҳои якум дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун ва хароҷоти иловагӣ | - | 545 000 |
| Ҳамагӣ | | | 4 570 000 |

**Замимаи 4**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024,**
**№АП-480**

# РӮЙХАТИ
## АДАБИЁТИ ТАВСИЯШАВАНДА БАРОИ ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ»

**1. Номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ:**

- хондани афсонаҳои халқи тоҷик, латифа ва аз ёд кардани порчаҳо аз осори манзуму мансури шифоҳӣ, латифаю зарбулмасал, мақолҳои халқӣ, чистонҳо;
- хондани ҳикояҳо аз «Гулистон», «Бӯстон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Рисолаи дилкушо»-и Убайди Зоконӣ, «Таҳзиб-ус-сибён»-и Садриддин Айнӣ, порчаҳо аз осори манзуми шоирони барҷастаи классикӣ (Абӯабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон), аз ашъори манзуму мансури бачагонаи устод Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Пӯлод Толис, Ғаффор Мирзо, Сотим Улуғзода, Абдусалом Деҳотӣ, Боқӣ Раҳимзода, Баҳром Фирӯз, Гулназар Келдӣ, Муҳаммад Ғойиб, Раҳмат Назрӣ, Сафияи Носир, Эгами Нарзуллоҳ (Волӣ), Насим Раҷаб, Ғанӣ Ҷӯразода, Юсуфҷон Аҳмадзода, Наримон Бақозода, Алӣ Бобоҷон, Асад Гулзодаи Бухороӣ, Маҳмуд Диёрӣ, Мирсаид Миршакар, Шарифи Муҳаммадёр, Маҳбуба Неъматова, Убайд Раҷаб, Нӯъмон Розиқ, Ҷӯра Ҳошимӣ, Муродалӣ Собир, Абдусаттори Раҳмон, Салоҳиддини Садриддин, Азизи Азиз, Сайқал Самеъзода, Шодӣ Саттор, Болта Ортиқов, Ғаффоралӣ Сафар, Гулчеҳра Сулаймонӣ, Муҳаммадалишоҳи Ҳайдаршоҳ, Бобо Ҳоҷӣ, Акобир Шарифӣ, Ато Мирхоҷа, Гулчеҳра Муҳаммадиева, Латофат Кенҷаева ва дигарон.

**2. Номинатсияи адабиёти классикӣ:**

- намунаҳои насри ривоятӣ аз «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Чор дарвеш», «Ҳазору як шаб», «Тӯтинома», «Синдбоднома», «Калила ва Димна», «Самаки айёр», «Марзбонннома», «Абӯмуслимнома», «Доробнома» ва ғайра;
- осори насри классикӣ - «Корномаи Ардашери Бобакон», «Калила ва Димна», «Ёдгори Бузургмеҳр», «Сафарнома»-и Носири Хусрав, «Қобуснома»-и Унсурмаолии Кайковус, «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, «Баҳористон»-и Абдураҳмони Ҷомӣ, «Бадоеъ-ул-вақоеъ»-и Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-и Ҳусайн Воизи Кошифӣ, «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш ва ғайра;
- аз ёд кардани ашъори шоирон аз рӯйи жанр;
- на кам аз 100 ғазал аз Абӯабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Саноии Ғазнавӣ, Шайх Фаридаддини Аттор, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Фахриддини Ироқӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишер Навоӣ, Камолиддини Биноӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдураҳмони Мушфиқӣ, Абдулқодири Бедил, Зебуниссо, Соиби Табрезӣ, Сайидои Насафӣ, Абдулқодирхоҷаи Савдо, Шамсиддин Шоҳин, Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ ва дигарон;
- рубоӣ ва дубайтӣ - на кам аз 120 рубоӣ ва дубайтӣ аз Абӯабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абӯалӣ ибни Сино, Адиб Собири Тирмизӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Бобо Тоҳири Урён, Абусаиди Абулхайр, Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ, Умари Хайём, Аттори Нишопурӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Мир Алишер Навоӣ, Абдулқодири Бедил, Соиби Табрезӣ ва дигарон;
- қасида – на кам аз 100 байт аз Абӯабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Кисоии Марвазӣ, Абулқосим Унсурӣ, Анварии Абевардӣ, Абулҳасан Фаррухии Сиистонӣ, Абунаҷм Манучеҳрии Домғонӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Масъуди Саъди Салмон, Носири Хусрав, Хоқонии Шервонӣ, Ҳаким Саноии Ғазнавӣ, Камолиддин Исмоили Исфаҳонӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абдулқодири Бедил, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон;
- порча аз достон – на кам аз 150 байт аз Абӯабдулло Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ, Абумансури Дақиқӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саноии Ғазнавӣ, Аттори Нишопурӣ, Низомии Ганҷавӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Хоҷуи Кирмонӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдулқодири Бедил, Камолиддини Биноӣ, Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Ҷунайдуллоҳи Ҳозиқ, Мирзо Содиқи Муншӣ, Шамсиддин Шоҳин ва дигарон;
- дигар навъҳои шеърӣ - қитъа, мухаммас, мусаммат, мусаллас, тарҷеъбанд, таркиббанд ва ғайра – 100 байт.

**3. Номинатсияи адабиёти муосири тоҷик:**

- аз ёд кардани рубоӣ, дубайтӣ, ғазал, порчаҳо аз достону маснавӣ ва сурудҳои халқӣ аз эҷодиёти даҳони халқ;
- осори насрии адибони муосир – ҳикояҳо, новеллаҳо, повестҳо, романҳо, намоишномаҳо, ёддоштҳо ва очеркҳои Садриддин Айнӣ, Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Ҳаким Карим, Фотеҳ Ниёзӣ, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдумалик Баҳорӣ, Пӯлод Толис, Баҳром Фирӯз, Ҷумъа Одина, Урун Кӯҳзод, Юсуф Акобиров, Сорбон, Саттор Турсун, Абдулҳамид Самад, Меҳмон Бахтӣ, Кароматуллои Мирзо, Гулрухсор, Иноят Насриддинов, Ато Ҳамдам, Бароти Абдураҳмон, Ҷонибеки Акобир, Шералӣ Мӯсо, Равшани Ёрмуҳаммад, Маъруф Бобоҷон, Бахтиёр Муртазо, Муҳаммадзамони Солеҳ, Сайф Раҳимзодаи Афардӣ, Баҳманёр, Юнус Юсуфӣ, Муҳибуллои Қурбон, Шераки Ориён (Абдурофеъ Рабизода), Марямбонуи Фарғонӣ, Мансур Сурӯш, Мирзо Насриддин, Диловари Мирзо, Абдуғаффори Абдуҷаббор, Маҷид Салим, Равшани Махсумзод, Ато Мирхоҷа, Анвар Олим, Аброри Зоҳир, Сироҷиддин Икромӣ, Сайид Раҳмон, Мирзо Шукурзода, Муаззама, Мутеулло Наҷмиддинов, Додохони Эгамзод, Наҷмиддини Шоҳинбод, Баҳром Фирӯз, Искандари Ҳамроҳқул, Шодон Ҳаниф, Расул Ҳодизода, Нарзулло Тиллозода, Давлатшоҳи Тоҳирӣ, Ҳоҷӣ Содиқ, Ҳакималӣ Назаралӣ, Абдуғаффори Партав, Маҳкам Пӯлод, Айюб Кенҷа, Истад Қосимзода, Сироҷиддин Қосимзода, Раҷаб Мардон, Ғаффор Мирзо, Султон Мирзошоев, Мирсаид Миршакар, Абдурауф Муродӣ, Тоҳири Муҳаммадризо, Шералӣ Мӯсо, Бурҳон Ғанӣ, Муҳаммад Ғойиб, Карим Давлат, Абдусалом Деҳотӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Матлубаи Ёрмирзо, Исроил Иброҳим, Ҳабиб Имодӣ, Қулмуҳаммади Абдулҳусейн, Ҳилолиён Аскар, Самад Ғанӣ, Саидаҳмади Зардон, Шоҳназир Назиров, Назрулло Тиллозода, Султонмуроди Одина, Муҳаммадраҳими Сайдар, Аъзам Сидқӣ, Ҳоҷӣ Содиқ, Тоҷӣ Усмон, Баҳодур Файзулло, Ибод Файзулло, Неъматуллои Худойбахш, Шарифи Халил ва дигарон;
- асарҳои драмавӣ аз Абулқосим Лоҳутӣ, Ғанӣ Абдулло, Нурулло Абдуллоҳ, Абдуғаффори Абдуҷаббор, Сафармуҳаммад Айюбӣ, Файзулло Ансорӣ, Абдусалом Атобоев, Тӯрахон Аҳмадхонов, Меҳмон Бахтӣ, Абдумалик Баҳорӣ, Муҳаммад Ғойиб, Ҷалол Икромӣ, Шамсӣ Қиём, Ҷумъа Қуддус, Фазлиддин Муҳаммадиев, Султон Сафар, Аъзам Сидқӣ, Мансур Сурӯш, Ҳоҷӣ Содиқ, Шодӣ Солеҳ, Нур Табаров, Ато Ҳамдам, Аминҷон Шукӯҳӣ, Сотим Улуғзода ва дигарон;
- ашъори шоирони муосир – на кам аз 100 ғазал, рубоӣ ва дубайтӣ ва порча аз достон аз эҷодиёти Садриддин Айнӣ, Туғрали Аҳрорӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Зуфархон Ҷавҳарӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Ҳайрат Шанбезода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Муҳиддин Аминзода, Боқӣ Раҳимзода, Нодир Шанбезода, Мирсаид Миршакар, Абдусалом Деҳотӣ, Файзулло Ансорӣ, Ғаффор Мирзо, Ҳабибулло Файзулло, Ғоиб Сафарзода, Муъмин Қаноат, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Мастон Шералӣ, Гулрухсор, Гулназар Келдӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Жола Бадеъ, Абдулло Қодирии Мумтоз, Султон Шоҳзода, Ашӯр Сафар, Сайидалӣ Маъмур, Ширин Бунёд, Аскар Ҳаким, Ҳақназар Ғоиб, Салимшо Ҳалимшо, Саидҷон Ҳакимзода, Пиримқул Сатторӣ, Камол Насрулло, Раҳмат Назрӣ, Низом Қосим, Искандари Хатлонӣ, Зулфия Атоӣ, Муҳаммад Ғойиб, Мирзо Файзалӣ, Фарзона, Доро Наҷот, Назри Яздонӣ, Алимуҳаммад Муродӣ, Ҷамолиддин Каримзода, Зиё Абдулло, Рустам Ваҳҳобзода, Аҳмадҷони Раҳматзод, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Озарахш, Ато Мирхоҷа, Сиёвуш, Озар, Салими Зарафшонфар, Абдуҷаббори Суруш, Парда Ҳабиб, Давлат Сафар, Раъноӣ Мубориз, Давлати Раҳмониён, Лаълҷубаи Мирзоҳасан, Муҳтарам Ҳотам, Сафар Амирхон, Назруллоҳи Азизиён, Одина Азимӣ, Нуқраи Суннатниё, Хайрандеш, Қувват Давлат, Олимхон Исматӣ, Сафар Аюбзодаи Маҳзун, Гурез Сафар, Шаҳрия, Усмон Шарифзода ва дигарон;
- дигар навъҳои шеърӣ – 100 байт аз шоирони муосири тоҷик;

**4. Номинатсияи адабиёти ҷаҳон:**

Тавсия барои хонандагони синфҳои 1-4 аз осори манзум ва мансури адабиёти бачагонаи ҷаҳонӣ:

- адибони рус: Александр Пушкин, Михаил Лермонтов, Иван Крилов, Иван Бунин, Александр Островский, Николай Гогол, Лев Толстой, Антон Чехов, Константин Ушинский, Алексей Толстой, Николай Носов, Иван Тургенев, Максим Горкий, Сергей Есенин, Виталий Бианки, Михаил Пришвин, Михаил Шолохов, Валентин Катаев, Эдуард Успенский, Василий Шукшин, Сергей Михалков, Аагния Барто, Аркадий Гайдар, Валентин Распутин, Расул Ғамзатов, Корней Чуковский, Виктор Драгунский, Валентина Осеева, Владимир Сутеев, Самуил Маршак, Константин Паустовский, Борис Житков, Андрей Усачёв ва дигарон;

**(Давомаш дар саҳ. 6)**

(Идома аз саҳ. 5)

- адибони шарқ: Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (Покистон), Халилуллоҳи Халилӣ (Афғонистон), Эраҷ Мирзо (Эрон), Фурӯғи Фаррухзод (Эрон), Содиқ Ҳидоят (Эрон), Нодири Нодирпур (Эрон), Бориқ Шафеӣ (Афғонистон), Робиндранат Такур (Ҳиндустон), Прем Чанд (Ҳиндустон) ва дигарон;

- адибони дигар: Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (Ӯзбекистон), Ғафур Ғулом (Ӯзбекистон), Абдулло Қодирӣ (Ӯзбекистон), Чингиз Айтматов (Қирғизистон), Рюноскэ Акутагава (Япония), Азиз Несин (Туркия), Маликушшуаро Баҳор (Эрон), Нодар Думбадзе (Гурҷистон), Василий Гулеури (Гурҷистон), Ирма Маласидзе (Гурҷистон) Спиридон Вангели (Молдова), Эно Рауд (Эстония), Нино Накашидзе (Гурҷистон), Вайнилайтис Мартинас (Литва), Машётас Пранас (Литва), Тсао Вэнсюан (Чин), Худойберди Тӯхтабоев (Ӯзбекистон), Азиза Ҷаъфарзода (Озарбойҷон), Хажак Гулназарян (Арманистон), Владимир Короленко (Украина), Сулаймон Сонӣ Охундзода (Озарбойҷон), Карл Фриш (Олмон), Марсел Эме (Франсия), Отфрид Пройслер (Олмон), Доналд Биссет (Англия), Даниел Дефо (Англия), Эдвард Лир (Англия), Виктор Гюго (Франсия), Ҳанс Кристиан Андерсен (Дания), Редярд Киплинг (Англия), Алан Милн (Англия), Ҷеймс Хэрриот (Англия), Ҷералд Даррелл (Англия), Клайв Люис (Ирландия), Фрэнсис Элиза Ходгстон Бернетт (Англия), Астрид Линдгрен (Шветсия), Александр Дюма (Франсия), Ги де Мопассан (Франсия), Артур Конан Дойл (Англия), Бародарон Грим (Олмон), Шарл Перро (Фаронса), Ҷанни Родари (Италия), Вилгелм Гауф (Олмон), Ҷонатан Свифт (Англия), Мария Тереса Андруэтто (Аргентина), Пйердоменико Баккаларио (Италия), Антуан де Сент-Экзюпери (Фаронса), Люис Кэрролл (Англия), Рудолф Эрих Распе (Олмон), Стивенсон Роберт (Шотландия), Селма Лагерлёф (Шветсия), Ҷон Бойн (Ирландия), Холли Вебб (Англия), Жаклин Вудсон (ИМА), Русе Лагеркранс (Шветсия), Чарлз де Линт (Канада), Свен Нурдквист (Шветсия), Ури Орлев (Исроил), Мария Парр (Норвегия), Филип Пулман (Англия), Улф Старк (Шветсия), Нахоко Уэхаси (Ҷопон), Тод Штрассер (ИМА), Ҷоан Кэтлин Роулинг (Англия), Ҷек Лондон (ИМА), Эрнест Сетон-Томпсон (Канада), Эрнест Ҳемингуэй (ИМА), Марк Твен (ИМА), Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия), Ҷоэл Ҳаррис (ИМА),Кадоно Эйко (Ҷопон) , Ло Ин (Чин), Чжан Юантсзе (Чин), Маҳдӣ Озари Яздӣ (Эрон), Муҳаммад Аслонӣ (Эрон), Хусрави Бобохонӣ (Эрон), Шукӯҳи Қосимниё (Эрон), Калаҳари Фиребо (Эрон), Кришан Чандар (Ҳиндустон), Бкишам Саҳни (Ҳиндустон), Рамврикша Бенипури (Ҳиндустон), Файз Аҳмади Файз (Покистон), Алӣ Сардор Ҷафри (Ҳиндустон), Нақиб Маҳфуз (Миср), Иброҳим ал-Куни (Либия) ва дигарон.

**5. Тавсия барои гурӯҳҳои дигар:**

- осори насрӣ ва аз бар кардани на кам аз 500 байт аз эҷодиёти адибони ҷаҳон. Аз ҷумла:

- адабиёти рус дар бахши назм, наср ва драма - Александр Пушкин, Михаил Лермонтов; дар бахши масал - Иван Крилов, дар бахши назм, наср ва драма - Александр Грибоедов, Иван Бунин, Борис Пастернак, Александр Островский, Николай Гогол, Иван Тургенев, Фёдор Достоевский, Лев Толстой, Антон Чехов, Максим Горкий, Михаил Булгаков, Александр Блок, Владимир Маяковский, Анна Ахматова, Марина Светаева, Сергей Есенин, Андрей Платонов, Владимир Набоков, Иосиф Бродский, Михаил Шолохов, Александр Солженитсин, Василий Шукшин, Валентин Распутин, Андрей Волос ва дигарон;

- адабиёти Украина, Беларус ва назди Балтика дар бахши назм, наср ва драма - Максим Танк, Эдуардас Межелайтис, Янка Купала, Тарас Шевченко, Леся Украинка, Якуб Колас, Юстинас Мартсинкявичюс, Олес Гончар, Йонас Авижюс, Юрий Ритхэу ва дигарон;

- адабиёти Осиёи Марказӣ (ӯзбек, туркман, қазоқ, қирғиз) дар бахши назму наср ва драма - Абай, Алишер Навоӣ, Машраб, Увайсӣ, Нодира, Фурқат, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Ғафур Ғулом, Эркин Воҳидов, Олжас Сулаймонов, Абдулло Орипов, Абдулло Қодирӣ, Мухтор Авезов, Чингиз Айтматов ва дигарон;

- адабиёти Қафқоз дар бахши назму наср ва драма - Шота Руставели, «Довуди Сосунӣ», Мирзо Фатҳалӣ Охундов, Хачатур Абовян, Аветик Исаакян, Расул Ғамзатов, Отар Чиладзе, Самад Вурғун, Нодар Думбадзе, Грант Матевосян ва дигарон;

- адабиёти кишварҳои Амрико ва Канада дар бахши назм, наср ва драма - Филип Френо (ИМА), Генри Уодсворт Лонгфелло (ИМА), Уолт Уитмен (ИМА), Вашингтон Ирвинг (ИМА), Ҷеймс Фенимор Купер (ИМА), Эдгар Аллан По (ИМА), Марк Твен (ИМА), Теодор Драйзер (ИМА), Ҷек Лондон (ИМА), Фрэнсис Скотт Фитсҷералд (ИМА), Вилям Фолкнер (ИМА), Эрнест Ҳемингуэй (ИМА), Ҷон Стейнбек (ИМА), Маргарет Митчелл (ИМА), Грэм Грин (ИМА), Джером Сэлинджер (ИМА), Рэй Брэдбери (ИМА), Курт Воннегут (ИМА), Харпер Ли (ИМА), Эдгар Лоуренс Доктороу (ИМА) Кормак Маккарти (ИМА), Кен Кизи (ИМА), Стивен Кинг (ИМА), Ҷонатан Франзен (ИМА), Маргарет Этвуд (Канада), Элис Манро (Канада) ва дигарон.

- адабиёти Амрикои Лотинӣ дар бахши назм, наср ва драма - Габриэла Мистрал (Чили), Пабло Неруда (Чили), Жоржи Амаду (Бразилия), Габриэл Гарсиа Маркес (Колумбия), Хорхе Луис Борхес (Аргентина), Мигел Астуриас (Гватемала), Марио Варгас Лйоса (Перу), Хулио Кортасар (Аргентина), Карлос Фуэнтес, Хуан Рулфо (Мексика) ва дигарон;

- адабиёти кишварҳои Аврупо дар бахши назм, наср ва драма - Ҳомер, Софокл, Эсхил, Аристофан (Юнони қадим), Апулей (Рими бостон), Данте (Италия), Федерико Гарсиа Лорка (Испания), Ҷованни Боккаччо (Италия), Ҷеймс Ҷойс (Ирландия), Вилям Шекспир (Англия), Лессинг, Гердер, Шиллер,Иоганн Волфганг фон Гёте (Олмон), Виктор Гюго (Франсия), Ромен Роллан (Франсия), Франсуа Рабле (Франсия), Жан Расин, Молйер, Лафонтен, Волтер, Монтескё, Жан-Жак Руссо, Бомарше (Франсия), Калдерон (Испания), Голдони, Готси (Италия), Мигел Сервантес (Испания), Даниел Дефо (Англия), Валтер Скотт (Шотландия), Фредерик Стендал (Франсия), Ҷорҷ Байрон (Англия), Оноре де Балзак (Франсия), Александр Дюма (Франсия), Жорж Санд (Франсия), Ҳанс Кристиан Андерсен (Дания), Вилям Теккерей (Англия), Чарлз Диккенс (Англия), Гюстав Флобер (Франсия), Жюл Верн (Франсия), Эмил Золя (Франсия), Анатол Франс (Франсия), Ги де Мопассан (Франсия), Ҷорҷ Бернард Шоу (Англия), Артур Конан Дойл (Англия), Этел Лилиан Войнич (Англия), Редярд Киплинг (Англия), Марсел Пруст (Франсия), Вирҷиния Вулф (Англия), Франс Кафка (Австрия), Грэм Грин (Англия), Жан-Пол Сартр (Франсия), Албер Камю (Франсия), Дэвид Митчелл (Англия), Ҷоан Роулинг (Англия), Генрик Ибсен (Норвегия), Шарлотта Бронте (Англия), Эмили Бронте (Англия), Генрик Сенкевич (Литва-Лаҳистон), Морис Метерлинк (Нидерланд), Бернард Шоу (Англия), Томас Манн (Олмон), Герман Гессе (Олмон), Жан Пол Сартр (Франсия), Сэмюэл Беккет (Ирландия), Шарл де Костер (Белгия), Ярослав Гашек (Чехия), Уилям Голдинг (Англия), Кнут Гамсун (Норвегия), Лион Фейхтвангер (Олмон), Алберто Моравиа (Италия), Люис Кэрролл (Англия), Рафаэлло Ҷованолли (Италия), Болеслав Прус (Лаҳистон), Генрих Гейне (Олмон), Бертолт Брехт (Олмон), Томас Манн (Олмон), Герман Гессе (Олмон), Сомерсет Моэм (Англия), Ярослав Гашек (Чехия), Кадзуо Исигуро (Япония - Англия), Меша Селимович (Сербия-Босния-Герсеговина), Жозе Сарамаго (Португалия), Олдос Хаксли (Англия), Эрих Мария Ремарк (Олмон), Эрнст Теодор Амадей Гофман (Олмон), Антуан де Сент-Экзюпери (Франсия), Ҷорҷ Оруэлл (Англия) ва дигарон;

- адибони Эрону Афғонистон, Ҳиндустон ва Покистон дар бахши назм, наср ва драма - Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ (Покистон), Маликушшуаро Баҳор (Эрон), Нимо Юшиҷ (Эрон), Эраҷ Мирзо (Эрон), Парвини Эътисомӣ (Эрон), Халилуллоҳи Халилӣ (Афғонистон), Зиё Қоризода (Афғонистон), Аҳмади Шомлу (Эрон), Суҳроби Сипеҳрӣ (Эрон), Нодири Нодирпур (Эрон), Бориқ Шафеӣ (Афғонистон), Фурӯғи Фаррухзод (Эрон), Нусрати Раҳмонӣ (Эрон), Восифи Бохтарӣ (Афғонистон), дар бахши наср — Муртазо Мушфиқ Козимӣ (Эрон), Содиқ Ҳидоят (Эрон), Бузург Алавӣ (Эрон), Симин Донишвар (Эрон), Ҳушанг Гулширӣ (Эрон), Маҳмуди Давлатободӣ (Эрон), Аббос Маъруфӣ (Эрон), Робиндранат Такур (Ҳиндустон), Прем Чанд (Ҳиндустон), Урҳон Помук (Туркия), Азиз Несин (Туркия) ва дигарон;

- адабиёти Осиё ва кишварҳои арабӣ дар бахши назм, наср ва драма - Рюноскэ Акутагава (Япония), Кобо Абэ (Япония), Лу Син (Чин), Мо Ян (Чин), Ҷуброн Халил Ҷуброн (Лубнон), Нақиб Маҳфуз (Ҷумҳурии Мисри Араб), Азиз Несин (Туркия), Иброҳим Ал-Куни (Лубнон), Маҳмуд Саид (Ироқ), Муҳаммад Зифзоф (Марокаш) ва дигарон.

**Замимаи 1**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024, №АП-481**

# НИЗОМНОМАИ
## ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»

### 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» (минбаъд - Озмун) таҳти сарпарастии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» баргузор карда мешавад.

2. Озмун бо мақсади рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҳамчунин дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо тақсимот ба ду гурӯҳ дар алоҳидагӣ - муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шакли нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ), хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (бакалаврон ва магистрон), ходимони илмӣ (ба истиснои доктораони илм, профессорон, узви вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), аспирантон, докторантон, унвонҷӯён, докторантҳо аз рӯйи ихтисос ва докторантони ҳабилитат, омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, муҳандисон, конструкторон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун баргузор мегардад.

3. Озмун аз рӯйи ҳафт номинатсия гузаронида мешавад:
- математика (арифметика, алгебра, геометрия);
- физика ва астрономия;
- химия;
- биология (ботаника, зоология, анатомия);
- география;
- технологияи иттилоотӣ;
- ихтироъкорӣ ва навоварӣ.

### 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ОЗМУН

4. Сарпарасти Озмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

5. Масъулони баргузории Озмун Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, саноат ва технологияҳои нав, рушди иқтисод ва савдо, кишоварзӣ ва Саридораи геология мебошанд.

6. Кумитаҳои телевизион ва радио, кор бо ҷавонон ва варзиш, кор бо занон ва оила, Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» ва нашриёҳои давлатӣ дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории Озмун иштирок мекунанд.

7. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ҷиҳати дар сатҳи баланд ташкил ва баргузор намудани даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмун масъул буда, ғолибон, омӯзгорон ва волидайни онҳоро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

8. Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, раёсат, шуъба ва бахшҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, маориф, фарҳанг, кор бо ҷавонон ва варзиш, занон ва оила ва дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ роҳбарони онҳо масъули ташкил ва баргузории Озмун мебошанд.

### 3. КОМИССИЯИ ОЗМУН

9. Барои гузаронидани Озмуни «Илм - фурӯғи маърифат» комиссияи ҷумҳуриявӣ (минбаъд - комиссияи Озмун) таъсис дода мешавад, ки ҳайати он бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мегардад.

10. Ваколати комиссияи Озмун:
- таҳияи ҷадвали баргузории Озмун ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Озмун;
- муайян намудани ҷойи баргузории даври сеюми Озмун дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- тасдиқи ҳайати ҳакамон барои даврҳои сеюм ва чоруми Озмун;
- гузаронидани семинарҳои машваратӣ барои ҳайати ҳакамон ва масъулони гузаронидани Озмун дар тамоми даврҳо;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони Озмун;
- омӯзиш ва тавсияи ҳуҷҷатҳои пешниҳодшудаи иштирокчиёни Озмун ба даври чорум;
- таъсиси комиссияи аппелятсионӣ;
- баррасии пешниҳодҳои ҳайати ҳакамон ва арзу шикояти довталабон ва иштирокчиён;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони Озмуни даври сеюм ва чорум;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои маълумот ва шиносоӣ.

### 4. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ОЗМУН

11. Озмун аз чор давр иборат буда, моҳҳои апрел - октябр ба таври зайл ташкил ва гузаронида мешавад:
- даври якум - моҳи апрел дар муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои илмӣ ва дигар ташкилотҳо;
- даври дуюм – нимаи дуюми моҳи май дар маркази шаҳр ва ноҳияҳо;
- даври сеюм - нимаи дуюми моҳи сентябр дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ;
- даври чорум - даври ҷумҳуриявӣ барои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюми Озмун моҳи октябр дар муассисаҳои илмии Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои таълимии сохтори Вазорати маориф ва илм баргузор мегардад.

12. Протоколи ҳайати ҳакамони даври сеюм ба даври чорум бо имзои раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, илмӣ ва раиси ҳакамон ба комиссияи Озмун пешниҳод мешавад.

13. Ҷойи баргузории даврҳои якуму дуюм ва сеюми Озмун дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ аз тарафи роҳбарони онҳо муайян карда мешавад.

14. Масъулияти баргузории даврҳои якум, дуюм ва сеюм ба зиммаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ вогузор карда мешавад.

15. Ҷараёни баргузории даврҳои якум, дуюм, сеюм ва чоруми Озмун тавассути воситаҳои ахбори омма васеъ инъикос ва пахш мегарданд. Ҷараёни баргузории даври чорум пурра тавассути телевизионҳои давлатӣ сабт ва намоиш дода мешавад.

16. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми даври сеюм барои иштирок дар даври чорум ба комиссияи Озмун то 1-уми октябр муқаррар карда мешавад. Дар ҳар як даври Озмун 6 ғолиб: ҷойҳои якум – 1 нафар, дуюм - 2 нафар ва сеюм - 3 нафар муайян карда мешавад.

17. Миёни роҳбари муассисаи таълимӣ, омӯзгор ва довталаб (дар шахси падару модар ва ё сарпарасти вай) метавонад шартнома ҷиҳати омода намудани довталаб ба имзо расонида шавад.

18. Академияи миллии илмҳо, вазоратҳои маориф ва илм, фарҳанг, Кумитаи телевизион ва радио масъули раванди гузаронидани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони даври чоруми Озмун мебошанд.

### 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУН

19. Дар Озмун шаҳрвандони кишвар, аз ҷумла хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо ду гурӯҳ дар алоҳидагӣ - муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ), хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (бакалаврон ва магистрон), ходимони илмӣ (ба истиснои доктораони илм, профессорон, узви вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), аспирантон, докторантон, унвонҷӯён, докторантҳо аз рӯйи ихтисос ва докторантони ҳабилитат, омӯзгорони муассисаҳои таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот (ба истиснои доктораони илм, профессорон, узви вобаста ва пайвастаи Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ), муҳандисон, конструкторон ва дигар намояндагони касбу кори гуногун иштирок карда метавонанд.

20. Шартҳои ташкил ва баргузории Озмун аз ҷониби комиссияи Озмун назорат карда мешавад.

21. Довталаб 10 рӯз пеш аз оғози Озмун санадҳои зеринро бо ариза ба комиссияи Озмун пешниҳод менамояд:
- маълумотномаи ягонаи довталаб (мувофиқи шакли аз ҷониби котиботи Озмун пешниҳодшуда);
- тарҷумаи ҳол (шакли тасдиқшудаи намунаи он аз ҷониби Академияи миллии илмҳо пешниҳод мешавад);
- 4 дона сурати 3х4;
- маълумотнома аз макони зист ё ҷойи таҳсил;
- маълумотнома доир ба ихтисос, патент ва ё шаҳодатномаи муаллифӣ (барои ихтироъкорон ва навоварон).

22. Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо комиссияи қабули ҳуҷҷатҳои довталабони Озмунро таъсис дода, як нафарро ба таври ҳатмӣ котиби масъул таъин менамоянд. Котибони масъули комиссияҳои қабул ҳуҷҷатҳои довталабонро санҷида, дар асоси санад онро ба комиссияи ҷумҳуриявӣ пешниҳод мекунанд. Котиби масъули комиссия суроға, рӯз ва ҷойи баргузории Озмунро ба довталабон тавассути воситаҳои ахбори омма ва масъулон эълон менамояд.

23. Ғолиби даври чоруми Озмун, ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардидааст, то се сол дар Озмун ва минбаъд дар номинатсияи ғолибомадааш ҳуқуқи иштирок карданро надорад.

24. Барои иштирок дар даври чоруми Озмун ба комиссияи Озмун иловатан ҳуҷҷатҳои зерин дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод карда мешаванд:
- маълумоти мухтасар дар бораи довталаб;
- нусхаи патент ва ё шаҳодатномаи муаллифӣ;
- номгӯи дастгоҳ ва таҷҳизоти ихтироъшуда;
- пешниҳодҳои хусусияти навоваридошта;
- протоколи даври сеюми Озмун.

### 6. ТАЛАБОТ БА ИШТИРОКЧИЁНИ ОЗМУН

25. Донишу истеъдоди иштирокчиёни Озмун аз рӯйи донишҳои назариявии донистани қонуну қоидаҳо, теоремаву аксиомаҳо, назарияҳо, дуруст фаҳмонида додани моҳияти ҳодисаҳо ва равандҳои табиат, ҳалли масъалаҳои амалӣ ва корҳои озмоишӣ, инчунин намоиши дастоварди илмӣ ва навовариҳо муайян карда мешавад. Агар иштирокчӣ хонандаи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар даврҳои якуму дуюм ва сеюм ба қайд гирифта шуда бошад ва дар даври чорум донишҷӯйи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ шуда бошад, ҳамчун хонанда дар даври чорум иштирок мекунад.

26. Як шахс танҳо дар як номинатсия аз номи як муассиса ё маҳали зист дар Озмун иштирок карда метавонад.

### 7. МЕЪЁРҲОИ АРЗЁБИИ ҒОЛИБОНИ ОЗМУН

27. Вобаста ба номинатсия пешниҳоди супоришҳои Озмун (10 супориш ё саволу масъала) дар шакли зерин сурат мегирад:
- дар математика 40% назариявӣ ва 60% амалӣ;
- дар физика ва астрономия 50% назариявӣ ва 50% амалӣ-озмоишӣ (бо таносуби 80% физика ва 20% астрономия);
- дар химия 40% назариявӣ, 40% хаттӣ-амалӣ ва 20% озмоишӣ;
- дар биология 50% назариявӣ ва 50% амалӣ;
- дар география 50% назариявӣ ва 50% амалӣ;
- дар технологияи информатсионӣ 20% назариявӣ ва 80% амалӣ;
- дар ихтироъкорӣ ва навоварӣ аз рӯйи пешниҳоди ихтироот ва навоварӣ, аз ҷумла дастгоҳу таҷҳизот, техникаву технология, навъу намунаҳои нави зироат, дарахту буттаҳо ва маводи доруворӣ.

28. Бо мақсади баҳогузорӣ намудан ба дониш, маҳорат ва малакаи довталабон аз ҷониби комиссияи Озмун ҷадвали 100-хола (ба ҳар савол ё супориш то 10 хол) муқаррар карда шуда, ҳайати ҳакамони Озмун ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди довталабон аз рӯйи меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:
- барои ба пуррагӣ ҷавоб додан ба саволҳои назариявӣ, дуруст пешниҳод намудани қонуну қоидаҳо, назарияҳо, теорема ва аксиомаҳо, моҳияти ҳодисаҳои табиат, дуруст ҳал кардани мисолу масъалаҳо, пурра анҷом додани корҳои озмоишӣ то 10 хол, барои ҷавоби аз хуб болотар то 8 хол, барои ҷавоби хуб то 6 хол, барои ҷавоби аз миёна беҳтар то 4 хол, барои ҷавоби миёна то 3 хол, барои ҷавоби заиф то 2 хол гузошта шуда, барои ҷавоби ғайриқаноатбахш хол дода намешавад;
- барои ихтироъкорон то 100 хол ба ихтирооте дода мешавад, ки он бо патент (ё шаҳодатномаи муаллифӣ)-и байналмилалии ташкилотҳои эътирофгардида ва ё ҷумҳурӣ ҳифз шудааст, дар истеҳсолот ҷорӣ гардидааст ё имкони ҷорӣ шуданро дорад, самаранокии иқтисодиаш муайян гардидааст, унсурҳои навоварӣ мавҷуд буда, натиҷаи тиҷоратикунонии он пешниҳод шуда бошад. Баҳои то 80 хол ба ихтирооте дода мешавад, ки дар он хусусиятҳои навоварӣ мавҷуд аст, имкони дар истеҳсолот ҷорӣ шуданро дорад, самаранокии иқтисодиаш муайян гардидааст, вале бо патент тасдиқи худро наёфтааст. То 60 хол барои ихтирооте дода мешавад, ки дар он унсурҳои навоварӣ ҷой доранд, то 50 хол барои сохтани конструксияҳои муайян, ки унсурҳои навоварӣ надорад, дода мешавад. Барои намунаҳои дастовардҳои аллакай мавҷуда то 30 хол дода мешавад;
- барои иштирок дар даврҳои сеюм ва чорум дар номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ байни донишҷӯён, ходимони илмӣ ва намояндагони касбу кори гуногун дар сурати набудани ҳуҷҷати муҳофизатӣ ба ихтироъ (патент, нахустпатент, патенти авруосиёгии муаллифи ихтироъ) иҷозат дода намешавад;
- саволҳои назариявӣ дар шакли хаттӣ ба иштирокчиён пешниҳод карда мешаванд;
- барои ҷавоби пурра додан ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ва сохтани барномае, ки масъалаи додашударо пурра ҳал намояд ва пешниҳоди натиҷаҳои саҳеҳ то 10 хол дода мешавад. Барои ҷавобҳо ба саволҳои назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ва сохтани барномае, ки масъалаи додашударо ҳал намояд, то 8 хол, барои ҷавобҳо ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ё сохтани барномае, ки масъалаи додашударо ҳал намояд то 6 хол, барои ҷавоб ба саволи назариявӣ, пешниҳоди алгоритми кори барнома ё сохтани барнома то 4 хол, барои ҷавоб танҳо ба саволи назариявӣ то 2 хол дода мешавад;
- холи натиҷавии бадастовардаи иштирокчиён дар асоси ҳисоби қимати миёнаи холи гузоштаи ҳар як узви ҳайати ҳакамон муайян карда мешавад;
- дар сурати аз 70% кам ба даст овардани холҳо дар номинатсия ҷойи якум дода намешавад.

### 8. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

29. Шумора ва ҳайати ҳакамонро комиссияи Озмун муайян мекунад.

30. Ҳайати ҳакамони Озмун дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо корҳои зеринро иҷро мекунанд:
- тибқи пешниҳоди комиссияи Озмун донишу истеъдоди иштирокчиёнро натиҷагирӣ мекунанд;
- холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамоянд;
- натиҷаи Озмун дар протокол дарҷ гардида, бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ карда мешавад.

31. Ба ҳайати ҳакамони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, деҳоту шаҳрак намояндагони раёсат, шуъба ва бахшҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзгорон, олимону муҳаққиқон ворид мешаванд.

32. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар Озмун иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад.

33. Хулосаи ҳайати ҳакамони даврҳои сеюм ва чорум дар комиссияи Озмун баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

34. Комиссияи Озмун дар ҳолати ҷавобгӯй набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи низомномаи мазкур (дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ) ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, комиссияи Озмун ваколати ҳалли онро дорад.

35. Ҳайати ҳакамони даври ниҳоии Озмун бо инобати мутахассисон аз ҳамаи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олии касбии соҳавии кишвар таъин карда мешаванд.

### 9. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД БАРОИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

36. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабе роҳ дода мешавад, ки дар даври ҷумҳуриявӣ аз рӯйи номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ ҷойи якумро сазовор гардидааст.

37. Агар барандаи Шоҳҷоиза намоянда аз табақаҳои касбу кори гуногун бошад, бо пешниҳоди комиссияи Озмун бо тартиби муқарраргардида бо мукофоти соҳавӣ сарфароз гардонида мешавад.

### 10. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ОЗМУН

38. Хароҷоти даврҳои якум, дуюм, сеюм, таъмини сафархарҷӣ ва будубоши ҳайати ҳакамон дар ин даврҳои Озмун, хароҷоти вобаста ба сафарбаркунӣ ва будубоши ғолибон ва омӯзгорони онҳо ба даври чоруми Озмун аз ҳисоби буҷети мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манънагардида пардохт карда мешавад.

39. Ғолибони даврҳои якум, дуюм, сеюми Озмун ва омӯзгорону волидони онҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту муассисаҳо ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонида мешаванд.

40. Раисони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Хатлон ва Суғд, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ, таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ғолибони даврҳои якум, дуюм ва сеюми Озмунро бо мукофотҳо сарфароз мегардонанд.

41. Ба ғолибони даври чоруми Озмун ва барандаи Шоҳҷоиза тибқи тартиби муқарраргардида аз ҳисоби маблағҳои Фонди захиравии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷоиза ва мукофоти пулӣ дода мешавад.

42. Ҷоиза ва мукофоти пулии ғолибони Озмун ва омӯзгорони онҳо дар маросими тантанавӣ аз ҷониби аъзои комиссияи Озмун ва дигар шахсони расмӣ супорида мешавад.

43. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони ҳамаи даврҳои Озмун ва омӯзгорони онҳо, ҷалби сарпарастон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода мешавад.

44. Иштирокчиёни ҷойҳои 4, 5, 6 даври чоруми Озмун бо нишони «Илм ва инноватсия» ва «Ифтихорнома»-и Академияи миллии илмҳо сарфароз гардонида мешаванд. Шакл, андоза ва тартиби супоридани нишонро Академияи миллии илмҳо таҳия ва тасдиқ менамояд.

45. Падару модароне, ки фарзандони онҳо миёни гурӯҳи донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ), дар даври чорум ҷойҳои якум, дуюм ва сеюмро ба даст меоранд, соҳиби нишони «Маърифатпарвар» ва «Ифтихорнома»-и Академияи миллии илмҳо мегарданд.

46. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо ва муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ), ки шогирдони онҳо дар даври чоруми Озмун барандаи Шоҳҷоиза ва сазовори ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм мегарданд, бо мукофоти пулӣ сарфароз гардонида мешаванд.

### 11. ИМТИЁЗҲО

47. Ғолибони даври чорум (ҷойҳои 1, 2, 3) ва барандаи Шоҳҷоиза баъди хатми муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ ба ихтисоси интихобкардаи худ ба муҳлати се сол бе супоридани имтиҳон ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ ва баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбии кишвар ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

48. Иштирокчиёни даври чоруми Озмун (хонандагони синфи 11) дар соли ҷорӣ ба ихтисосҳои фанҳои риёзӣ, дақиқу табиатшиносӣ ва техникӣ ба муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳон ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд. Тартиби қабули ғолибон ва иштирокчиёни даври чоруми Озмунро Вазорати маориф ва илм тибқи муқаррарот муайян менамояд.

49. Омӯзгороне, ки шогирдонашон дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ сазовори ҷойҳои 1, 2, 3 мегарданд, соҳиби унвони «Аълочии маориф ва илми Тоҷикистон» мегарданд.

50. Академияи миллии илмҳо протокол ва санадҳои ғолибони Озмунро дар асоси таҳияи тартиби махсус барои 10 сол нигоҳдорӣ намуда, баъдан ба бойгонӣ месупоранд.

**Замимаи 2**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024, №АП-481**

# ҲАЙАТИ
## КОМИССИЯИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»

- муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарпарасти соҳа) – раиси комиссияи Озмун;
- президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон – муовини раиси комиссияи Озмун;
- вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – муовини раиси комиссияи Озмун;
- ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, раиси шуъбаи илмҳои физикаву математика, химия, геология ва техникӣ – котиби комиссияи Озмун.

**Аъзои комиссия:**
- сардори раёсати маориф, фарҳанг ва иттилооти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- мушовири бахши ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа;
- раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- муовини якуми вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- президенти Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;
- ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- ректори Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ.

(Давомаш дар саҳ. 7)

(Идома аз саҳ. 6)

**Замимаи 3**
**ба Амри Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 1 январи соли 2024,**
**№АП-481**

# ҶОИЗАҲОИ
## ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ»

**1. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **1.1. Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **1.2. Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **1.3. Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **1.4. Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **1.5. Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **1.6. Номинатсияи технологияи иттилоотӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **1.7. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |

**2. Хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ)**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **2.1. Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **2.2. Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **2.3. Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **2.4. Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **2.5. Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **2.6. Номинатсияи технологияи иттилоотӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **2.7. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |

**3. Донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| **3.1. Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **3.2. Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **3.3. Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **3.4. Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **3.5. Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **3.6. Номинатсияи технологияи компютерӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **3.7. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |

**4. Ходимони илмӣ, аспирантону докторантон, докторантон аз рӯйи ихтисос, докторантони ҳабилитат ва унвонҷӯён, омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ, муҳандисон, конструкторон ва намояндагони касбу кори гуногун**

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **4.1. Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 35 000 | 1 | 35 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 25 000 | 2 | 50 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 15 000 | 3 | 45 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 130 000 |
| **Ҷамъи иштирокчиён 132 нафар** | | | | |

**5. Шоҳҷоиза барои ихтироъкорон ва навоварон**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ |
|---|---|---|---|---|
| | | 70 000 | 1 | 70 000 |

**6. Омӯзгорони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва ибтидоии касбӣ**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи технологияи иттилоотӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Ҷамъи омӯзгорон** | | | 42 нафар | |

**7. Омӯзгорони хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии типи нав (литсейҳо, гимназияҳо, муассисаҳои таълимии президентӣ ва хусусӣ)**

| № | | Маблағ барои як номинатсия | Шумораи ҷоизагирандагон (нафар) | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|---|
| **Номинатсияи математика (арифметика, алгебра, геометрия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи физика ва астрономия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи химия** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи биология (ботаника, зоология, анатомия)** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи география** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи технологияи иттилоотӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ** | | | | |
| 1 | Ҷойи якум | 10 000 | 1 | 10 000 |
| 2 | Ҷойи дуюм | 10 000 | 2 | 20 000 |
| 3 | Ҷойи сеюм | 10 000 | 3 | 30 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | 6 | 60 000 |
| **Ҷамъи омӯзгорон** | | | 42 нафар | |

**Хароҷоти иловагӣ**

| № | Хароҷот | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|
| 1 | Омода кардани ҷомҳои Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун ва хароҷоти дигар | 315 000 (сесаду понздаҳ ҳазор) |

**Маблағи умумӣ**

| № | Ҷоиза ва хароҷот | Шумораи умумӣ | Маблағи умумӣ (бо сомонӣ) |
|---|---|---|---|
| 1 | Барои ҷоизаҳо ва Шоҳҷоиза | 132 + 1 | 2 930 000 |
| 2 | Барои омӯзгорон | 84 | 840 000 |
| 3 | Омода кардани ҷомҳои Шоҳҷоиза, ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва «Диплом»-и ғолибони Озмун ва хароҷоти дигар | - | 315 000 |
| **Ҳамагӣ** | | | **4 085 000** |

# ШАРҲИ
## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ТОҶИКИСТОН - ВАТАНИ АЗИЗИ МАН» ДАР СОЛИ 2024

**Озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон - Ватани азизи ман» таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз соли 2019 инҷониб баргузор шуда, мақсади озмун муаррифии фарҳанги волои миллати тоҷик, таблиғ ва эҳёи санъати миллӣ, эҳтиром ва арҷгузорӣ ба суннатҳои неки аҷдодӣ, баланд бардоштани сатҳи касбии асарҳои нави мусиқӣ, навозандагӣ, сарояндагӣ, маҳорати касбии ҳунари мусаввирӣ, ҳайкалтарошӣ, ороишгарӣ ва либосдӯзӣ, интихоби намунаҳои беҳтарини оҳангу суруд, коллексияҳо ва асарҳои рассомӣ мебошад.**

Дар соли 2024 ба озмун номинатсия нав - оҳангсозӣ - бастакорӣ ворид карда шуда, интизор меравад, ки ба ин восита истеъдодҳои ҷавон дар санъати касбии мусиқии миллӣ рӯйи кор меоянд.

Ба шарофати сулҳу субот ва рушди иқтисодиёти кишвар имрӯз миллатҳои гуногун, бахусус аз кишварҳои ҳамзабону ҳамфарҳанг, дар Тоҷикистон таҳсил ва кору фаъолият дошта, аз суруду мусиқии халқи тоҷик ва санъати тасвирӣ бархӯрдоранд. Ба ин хотир, дар озмуни соли ҷорӣ шаҳрвандони кишварҳои хориҷӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил ё кору фаъолият доранд, метавонанд иштирок намоянд.

Бо дастури бевоситаи Пешвои миллат ба соҳибони Шоҳҷоиза ва ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюми озмун дар баробари мукофоти пулӣ, инчунин имтиёзҳои дигар низ пешбинӣ шудаанд. Аз ҷумла, онҳо ҳуқуқи иштирок дар чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалиро пайдо намуда, тавассути барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ муаррифӣ мегарданд. Ғолибони даври ҷумҳуриявии озмун метавонанд ба ихтисосҳои омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи махсус, миёнаи касбӣ ва олии касбии кишвар ба муҳлати се сол бе супоридани имтиҳон дар гурӯҳҳои ройгон дохил шаванд.

Ҳамчунин, мувофиқи дастури бевоситаи Пешвои миллат соли 2024 барои иштирокчиёни озмун имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он, довталабони даври ҷумҳуриявӣ (хонандагони синфҳои 9 ва 11) ба ихтисосҳои соҳаи фарҳанг ва ихтисосҳои омӯзгории равияи санъати тасвирӣ ва мусиқии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳон ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

# ШАРҲИ
## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ФУРӮҒИ СУБҲИ ДОНОӢ КИТОБ АСТ» ДАР СОЛИ 2024

**Таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон, арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ, инкишофи қобилияти эҷодӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ, такмили захираи луғавӣ ва мусоидат дар рушди ҷаҳони маънавии сокинони кишвар соли ҷорӣ низ Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» баргузор мегардад.**

Ҷиҳати боз ҳам такмил ва таҳким бахшидани раванди баргузории озмун ва ҳавасмандсозии бештари иштирокчиён дар соли 2024 ба Низомномаи озмун тағйироту навгониҳо ворид карда шуданд.

Номинатсияи адабиёти кӯдакон ва наврасон ба номинатсияи адабиёти кӯдакону наврасон ва осори шифоҳӣ табдил дода шуд. Ин номинатсия яке аз фаъолтарин бахшҳои озмун ба шумор рафта, довталабон асосан хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошанд. Ба ин хотир, ҷиҳати бештар ҳавасманд намудани кӯдакону наврасон номинатсияи мазкур ба 3 гурӯҳ ҷудо мешавад:

- гурӯҳи якум хонандагони синфҳои 1-4;
- гурӯҳи дуюм хонандагони синфҳои 5-8;
- гурӯҳи сеюм хонандагони синфҳои 9-11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва синфҳои 10-11 муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ.

Бо дарназардошти хусусиятҳои синнусолии кӯдакону наврасон барои дарёфти Шоҳҷоиза, ки хондан ва аз бар намудани 70 фоизи осори назмию насрӣ аз рӯйи 4 номинатсия ба онҳо душвор буд, Шоҳҷоиза аз як адад ба чор адад зиёд карда шуд.

Шумораи ғолибони ҷойҳои якум, дуюм ва сеюм ба 126 нафар ва барандагони Шоҳҷоиза 4 нафар зиёд гардида, 130 нафар ғолибро ташкил медиҳад.

Тибқи дастури бевоситаи Пешвои миллат соли ҷорӣ низ барои иштирокчиёни даври ҷумҳуриявии озмун имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст, ки мувофиқи он довталабони даври чоруми озмун (хонандагони синфи 11) ба ихтисосҳои равияи омӯзгорӣ ва филологии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе озмун ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

Бо дарназардошти тағйироти воридгардида маблағи умумии мукофоти озмун 4 570 000 (чор миллиону панҷсаду ҳафтод ҳазор) сомониро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 695 000 (шашсаду наваду панҷ ҳазор) сомонӣ зиёд пешбинӣ гардидааст.

# ШАРҲИ
## АМРИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ «ИЛМ - ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ» ДАР СОЛИ 2024

**Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» таҳти сарпарастии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардида, мақсади он рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайванди илм бо истеҳсолот, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаю технологияҳо, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, ҳамчунин дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар ин самтҳо мебошад.**

Баргузории озмуни мазкур тайи солҳои 2021-2023 нишон дод, ки миёни ҷавонону наврасони кишвар таваҷҷуҳ ба омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ба маротиб зиёд гардида, барои дарёфт ва тарбияи мутахассисони баландихтисоси муҳандисию техникӣ замина гардидааст.

Ҷиҳати ҳавасмандсозӣ ва бештар омода намудани наврасону ҷавонон барои омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ ва иштирок дар озмуни мазкур дар баробари довталабон, инчунин омӯзгорон ва падару модарони хонандагоне, ки дар он ғолиб меоянд, аз лиҳози моддӣ ва маънавӣ қадршиносӣ карда мешаванд.

Бо дастури бевоситаи Пешвои миллат соли ҷорӣ низ барои иштирокчиёни озмун имтиёзи махсус пешбинӣ гардидааст, ки тибқи он, довталабони даври чоруми озмун (хонандагони синфи 11) ба ихтисосҳои фанҳои риёзӣ, дақиқу табиатшиносӣ ва техникии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар бе супоридани имтиҳонҳои марказонидашудаи дохилшавӣ ба гурӯҳҳои ройгон қабул карда мешаванд.

Барои дар сатҳи баланд баргузор намудани Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» дар соли 2024 аз ҷониби сарпарасти он – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 4085000 (чор миллиону ҳаштоду панҷ ҳазор) сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Бетарафӣ нишонаи марг аст

# ҲАМКОРӢ МЕБОЯД, НА РАҚОБАТУ БАРТАРИҶӮӢ

**Солҳои охир муқарраротӣ қонунгузорӣ дар робита ба терроризму экстремизм такмил ёфта, аз шаҳрвандон тақозо мешавад, ки онҳоро бечунучаро риоя намоянд. Вале эътироф бояд кард, ки на ҳама моҳияту пайомади ин «падида»-ро дарк кардаанд.**

Шаҳрвандони кишварро мебояд, ки беш аз пеш зиракии сиёсиро меҳвар қарор диҳанд ва аз «кору пайкор»-и террористон огоҳ бошанд. Дарк кунанд, ки экстремизм ифодаи мафкура ва фаъолияти нотавонбинон ва обсофкунакҳои онҳо ба ҳисоб рафта, нияти ин қабил бо роҳи зӯроварӣ ва амалҳои дигари зиддиқонунӣ «ҳал» намудани масъалаҳои сиёсӣ, ҷамъиятӣ, иҷтимоӣ, миллӣ ва динӣ аст.

Садҳо далел мавҷуд аст, ки «фаъолият»-и ин бахтбаргаштаҳо аз банақшагирӣ ва иҷрои амалҳое, ки ба ноустувор сохтани амнияти миллӣ ва қобилияти мудофиавии давлат равона шудааст, инчунин даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимияти давлатӣ ва ҳаракатҳое, ки ба барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ё динӣ таркиб ёфтааст.

Тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба терроризм» «фаъолияти террористӣ – фаъолияте, ки ба содир намудани як ва ё якчанд ҷинояти дорои хусусияти террористӣ равона шудааст ва кирдорҳои ташкил, банақшагирӣ, тайёрӣ ва содир намудани амалҳои террористиро дар бар гирифтааст, моил кардан ба содиркунии амалҳои террористӣ, даъвати зӯроварӣ бо ҳадафҳои террористӣ, ташкили гурӯҳҳои ҳарбикардашудаи ғайриқонунӣ ё ташкилоти ҷиноятӣ бо мақсади содир намудани амалҳои террористӣ, инчунин, иштирок намудан дар онҳо, ҷалб кардан, мусаллаҳ намудан ё истифодаи террористон, инчунин, ба онҳо омӯзонидани малакаи террористӣ, маблағгузории ташкилоти террористӣ ё террористон, дар ҳама шакл кумак расондан ба ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон террористӣ эътироф шудааст, таблиғоти ғояҳои терроризм, паҳн кардани мавод ё иттилооте, ки ба амалигардонии фаъолияти террористӣ даъват менамояд ё зарурати амалигардонии чунин фаъолиятро асоснок ё сафед мекунанд, аз ҷумла бо истифодаи шабакаҳои иттилоотию телекоммуникатсионии истифодаи умум ва Интернет, мусоидат кардан ба тайёр ва содир намудани амалҳои террористиро дар бар гирифтааст».

Дар кишвари мо тибқи муқаррароти қонунгузорӣ бо зӯрӣ сарнагун кардан ва ё тағйир додани сохтори конститутсионӣ, вайрон ва халалдор кардани соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мусоидат кардан ба чунин кирдорҳо ва барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ ба фаъолияти экстремистӣ мансуб аст.

Шаҳрвандон бояд мадди назар дошта бошанд, ки тарғиби махсусият ва бартарии шаҳрвандон аз нигоҳи муносибати онҳо ба дин (мазҳаб), забон, мансубияти онҳо ба миллат, нажод ё маҳал, амалҳое, ки ба ғасб ё аз худ кардани ваколатҳои ҳокимият равона шудаанд, ташкил кардани гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ ё иштирок дар онҳо ва паст задани шаъну эътибори миллӣ низ ҷузъи ин фаъолият ба ҳисоб рафта, ҷавобгарӣ дорад.

Илова ба ин, ҷалби аҳолӣ барои иштирок дар амалҳои экстремистӣ, инчунин омӯзонидани мафкураи экстремистӣ, монеъ шудан ё маҷбур кардан ба тағйир додани хусусияти фаъолияти қонунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ, комиссияҳои интихоботӣ, ташкилот, иттиҳодияҳои дигар ва шахсони мансабдори онҳо, истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он нисбат ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ё ташкилоти дигари давлатӣ, ташвиқот ва ба намоиши оммавӣ гузоштани нишон, парчам ё рамзи дигари ташкилоти аз ҷониби суд экстремистӣ эътирофшуда, нашр ва паҳн кардани маводи чопӣ, аудиоӣ, видеоӣ ва маводи дигари дорои хусусияти экстремистӣ дар воситаҳои ахбори омма, шабакаи Интернет, воситаи алоқаи барқӣ, аъмоли экстремистӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳолати зикршуда ҳушдор медиҳад, ки дар самти пешгирӣ ва мубориза бо ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва идеологияи ифротгароӣ ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муассисаҳои илмӣ, таълимӣ, воситаҳои ахбори омма беш аз пеш фаъолу ташаббускор бошанд. Олимону зиёиён низ мувазззафанд, ки дар заминаи пажӯҳиши амиқу доманадор усулҳои ҷадиди пешгирии ифротгароии динӣ-сиёсиро коркард ва пешниҳод намоянд. Вобаста ба ин бамаврид аст ёдовар шавем, ки дар моддаи нуҳуми қонуни зикршуда муқовимати иттилоотию таблиғотӣ ба терроризм муқаррар шудааст. Ин раванд аз шарҳи хатари терроризм, фошкунии шакл, воситаву тарзҳое, ки бо ёрии онҳо террористон ақидаҳои худро таблиғ менамоянд, ташаккули рӯҳияи зиддитеррористӣ, муттаҳидсозии кӯшишҳои мақомоти давлатӣ, ки ба терроризм муқовимат мекунанд ва маҳдуд кардани заминаи иҷтимоии дастгирии терроризм таркиб ёфтааст.

Биноан, мақомоти давлатӣ, ки ба терроризм муқовимат мекунанд, уҳдадоранд, ки дар доираи ваколатҳои худ муқовимат ба терроризмро ташкил ва ҳамоҳанг сохта, фаъолияти иттилоотию таблиғотии намояндагони воситаҳои ахбори омма, шахсони ҳуқуқӣ ва иттиҳодияҳои диниро дар самти мазкур ҳавасманд намоянд.

Тибқи маълумоти дастрасшуда, дар зарфи солҳои охир зиёда аз 100 мамлакат ҳадафи амалҳои харобкоронаи террористон қарор гирифта, бар асари ҳамлаҳои террористӣ садҳо ҳазор аҳолии осоишта ба ҳалокат расидаанд ва миллионҳо нафар макону манзили зисташонро тарк кардаанд. Зарари ба иқтисодиёти кишварҳо расонидашуда садҳо миллиард долларро ташкил медиҳад. Пӯшида нест, ки дар чунин вазъият кишварҳои дунё дар танҳоӣ наметавонанд дар муқовимат бо хавфу таҳдидҳои афзояндаи амнияту осоиш комёб гарданд ва сулҳу суботро таъмин намоянд. Бо назардошти воқеияти мавҷуда, тақвияти ҳамкорӣ дар ҷодаи мубориза бо



терроризму ифротгароӣ ва аз байн бурдани омилҳои дастгирии сиёсӣ, низомӣ ва молиявии онҳо тамоюли афзоишро касб кардааст.

Мутаассифона, шоҳиди он ҳастем, ки муносибати баъзе ҳамватанонамон ба ин масъала дуюмдараҷа буда, чунин воқеият ба усулу асосҳои бунёдии пешгирии терроризму ифротгароӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои ноил гаштан ба натиҷаҳои дилхоҳ дар муқовимат бо зуҳуроти хатарзои замони муосир бояд бар пояи ҳусни эътимод ҳамдастиву ҳамоҳангиҳои зичи тамоми қишрҳои ҷомеа ба роҳ монда шавад.

Набояд фаромӯш кард, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 90-уми асри XX – ҳанӯз дар оғози бунёди давлати соҳибихтиёри худ ҳадафи амалҳои тахрибкоронаи террористону ифротгароён бо дастгирии хоҷагони хориҷии онҳо қарор гирифт. Дар он айём маҳз шохаҳои терроризми байналмилалӣ ва ифротгароён кишвари моро ба саҳнаи озмоиши қудрати маргбори худ ва ҳадафи муғризона табдил дода буданд.

«Орзуи мушкил»-и саркардаву сарпарастони онҳо ба сари мардум таҳмил кардани фарҳанги бегонаву тафаккури асримиёнагӣ ва дар Тоҷикистон таъсис додани давлати исломӣ буд.

Хушбахтона, мардуми шарифи кишварамон бо роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат, абармарди дунёи сиёсат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар асоси имконоти тамаддун ва фарҳанги қадимаи хеш тавонистанд, ки сулҳу субот ва ваҳдати миллиро таъмин кунанд. Фидокориву мардонагии Пешвои миллат боис гардид, ки пеши роҳи амалҳои террористону ифротгароёни дохиливу хориҷӣ дар кишвари тозаистиқлоли мо гирифта шавад. Дар ин замина собит гардид, ки дар мубориза бо қувваҳои бадхоҳи ҷаҳонӣ ва таҳдидҳои глобалӣ танҳо бо роҳи ҳамкорӣ ва фаъолияти муштарак метавон пирӯз гардид.

Пайгирии масъала маълум кард, ки то ба ҳол аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеъгирии ягона нисбат ба мафҳумҳои терроризм ва экстремизм ба назар намерасад. Маҳз чунин мавқеъгирӣ боиси тавсеаи ҷуғрофияи хатару таҳдидҳои хатарбори мазкур дар шаклу усулҳои пешгӯинашаванда ва боз ҳам даҳшатнок гардидааст, зеро терроризму ифротгароӣ на сарҳадро эътироф мекунаду на давлатро.

Боиси нигаронии амиқи ҳар як мусулмон бояд бошад, ки террористон ва ифротгароён бо суиистифода аз номи поки дини ислом ба паҳншавии афкори исломситезӣ ва бадбинии мусулмонон мусоидат менамоянд. Ба ин тариқ бадном кардани дини мубини ислом, ки имрӯз пайравонаш зиёда аз якуним миллиард аҳолии кураи заминро ташкил медиҳанду дар рушди ҷаҳони мутамаддин саҳми арзанда доранд, метавонад оқибатҳои хатарзоро ба бор орад. Биноан моро зарур аст, ки фазои эътимод, таҳаммулгароӣ ва ҳамдигарфаҳмиро миёни ҷомеа ва тамаддунҳо тавсеа бахшем, ки ин, дар навбати худ, имкониятҳои моро дар муқовимат бар зидди хатару таҳдидҳои муосир бештар месозад.

Ҳаводиси охири ҷаҳони муосир исбот кард, ки дар робита ба терроризм ва ифротгароӣ мавқеъ ва меъёрҳои ягонаву умумӣ таҳия ва қабул карда шаванд. Бамаврид аст ёдовар шавем, ки ҳанӯз дар солҳои навадуми асри гузашта бо истифода аз минбари созмонҳои байналмилаливу минтақавӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зарурати тадбирандешиҳои бетаъхирро дар ин самт таъкид карда буданд.

Ҳамон тавре муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуданд: «Дар суҳбатҳои хоса баъзе сиёсатмадорони сатҳи баланд мегуфтанд, ки ин мушкилоти шумо ва минтақа аст, на мушкилоти мо. Илова бар ин, чунин мешумориданд, ки сабабҳои пайдо шудани ин мушкилот рақобатҳои носолими қавмиву этникӣ дар минтақа аст». Мутаассифона, бо сабаби бетафовутӣ ва ривоҷ ёфтани «меъёрҳои дугона» гурӯҳҳои террористӣ тавонистанд дар як қатор кишварҳои аврупоӣ даст ба амалҳои террористӣ зада, боиси ҳалокати одамон ва нооромии вазъ шаванд.

Бо гузашти вақти на он қадар зиёд арзиши моҳияти суханони пурҳикмати муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон - «Муборизаи самарабахш алайҳи терроризму ифротгароӣ ва тундгароии хушунатангез ба ҳеҷ ваҷҳ сиёсати «меъёрҳои дугона»-ро намепазирад» ва «Террорист - террорист аст ва ӯ ҳеҷ гоҳ «худӣ» ё «бегона» ва ё «таҳаммулгарову» «тундгаро» буда наметавонад», собит гардид.

Натиҷаи беэътиноии сиёсист, ки мушкилоти онвақта имрӯз ба хатару таҳдидҳои глобалӣ табдил ёфтаанд. Ин зуҳуроти номатлуб, аллакай, хислати ҷаҳонӣ касб намуда, ба таъбири муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Дар шароити мураккабу пуртазоди имрӯза мо бояд ҳамкорӣ кунем, на рақобату бартариҷӯӣ».

**Далер АБДУЛЛО, «Садои мардум»**

Ҳунар омӯз, к-аз ҳунармандӣ...

# СУЛОЛАИ ОҲАНГАРОН

**Бо мақсади рушди ҳунарҳои мардумӣ ва заминаи устувори сайёҳӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019 - 2021 - ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон намуданд. Ин иқдоми нек барои рушди ҳунарҳои мардумӣ заминаи боэътимод фароҳам овард. Дар ин раванд дар деҳот соҳаи оҳангарӣ, ки қариб аз байн рафта буд, эҳё ва корхонаҳои оҳангарӣ бунёд гардиданд.**



Дар ноҳияи Ванҷ, ки аз қадим макони истеҳсол ва истихроҷи оҳан маҳсуб меёфт, аз нав коргоҳҳои оҳангарӣ ба фаъолият пардохтанд. Имрӯз дар ҳар деҳа устоҳои оҳангар сокинонро бо асбобҳои рӯзгор таъмин менамоянд.

Мегӯянд, устои оҳангар бо номи Кунҷум аз деҳаи Чихох оҳансангро аз дараи Техарв оварда, дар кӯраи оҳангариаш коркард карда, асбобҳои рӯзгор месохтааст.

Усто Кунҷум тамоми манотиқи Дарвозу Ванҷро гашта, оҳансангро ҷамъ ва дар кӯраи оташ об карда, аз он ҳар гуна маснуот месохтааст, ки холис ва устувор аст. Ин оҳансангро бе иловаи намуди дигари оҳан тайёр карда, асбоб месохтанд. Ҳол он ки ба оҳансанги дигар минтақаҳои Тоҷикистон ҳатман унсурҳои арзиз (алюминий) ва хромро якҷо карда, баъдан оҳани холис ҳосил мекарданд. Мушоҳида намудем, ки барои тайёр кардани шамшер ин оҳансангро даҳ маротиба коркард менамоянд. Барои коркарди ин оҳансанг дар он давра дар кӯраи оташдон лахчаи арчаро истифода мебурданд. Ба воситаи лахчаи арча оҳансанг тез коркард ва пухта гардида, сифати оҳан аъло мегардад. Ҳатто, ин оҳансангро пухта тайёр карда, ба мири Дарвоз мебурданд. Азбаски оҳани аз ҳама сахт ба пӯлоди асил шабоҳат дошту дорои арзиши баланд буд, оҳангарони номӣ аз дигар минтақаҳо омада, ба ивази молу маҳсулоти ниёзи мардум онро харидорӣ намуда, гирифта мебурданд.

Бояд гуфт, ки минтақаи Ванҷ мулкҳои мустақилу ниммустақили Бухорои шарқӣ ва Помирро дар тамоми давраҳои таърихи асрҳои миёна, то чоряки аввали асри XX бо оҳан таъмин мекард. Оҳани онро то Қӯқанду Қошғар мебурданд. «Оҳани Ванҷ, - навиштааст Б. Л. Громбчевский, - дар Осиёи Миёна ва берун аз он шуҳрати баланд дорад. Савдогарон аз бекигариҳои Бухорои Шарқӣ ва дигар мулку давлатҳои ҳамҷавору дур барои оҳан ба Ванҷ меомаданд. Гарчанде дар худи Ванҷ устоҳои оҳангар кам набуданд, вале маҳсулоти хубро бо нархи баланд барои устоҳои номдори Қалъаихумб ва дигар марказҳои калони ҳунармандӣ мебурданд».

Дар ноҳияи Ванҷ аз қадим боз оҳангарӣ хеле ривоҷ ёфта, маҳсулоти оҳании ҳунармандони ин диёр дар мустаҳкамӣ ва хушсифатиаш ҳамто надошт. Оҳангарони техарвӣ, аз ҷумла бобои усто Зокири Давлатшо, маҳсулоти зиёди рӯзгордорӣ, аз қабили дос, каланд, корд, теғи сартарошӣ, ханҷар ё дудама, ошбур, табартеша, каноҷ, зоғнӯл, занҷир, дар, чармбур, каҷик, оҳани лаҷом, узангӣ, наъли асп ва боз даҳҳо асбобу ускунаи зарурии хоҷагидориро месохту мардумро таъмин мекард.

Олимону сайёҳони тоинқилобӣ ва солҳои аввали баъд аз инқилоби рус доир ба заҳмати истеҳсолкунандагони оҳан дар ноҳияи Ванҷ маълумоти зиёд додаанд, ки дар асоси онҳо ин шуғли ниҳоят зарурии бобоиро нисбатан возеҳ қаламдод намудан мумкин аст. Ба мушоҳидаи олимони таърихи мардумшиносӣ, истеҳсоли оҳан яке аз шуғлҳои асосии сокинони Ванҷ ва соҳаи сердаромади таъминкунандаи зиндагии мардум ба ҳисоб мерафт.

Бобои усто Зокир бо ҳамроҳонаш ба домони кӯҳи Техарв рафта, бо олоти махсуси тайёркардааш сангро мебуриданду пуштора ба коргаҳ оварда, онро дар кӯраи оташдон гудохта, оҳан истеҳсол менамуданд.

Ҳафт пушти усто Зокир оҳангаранд ва корхонаи оҳангарии дар деҳаашон сохташуда побарҷост. Ҳоло ҳамноми устои оҳангар - Зокир бо фарзандонаш дар коргоҳи оҳангарии авлодиаш ба истеҳсоли асбобҳои гуногуни рӯзгордорӣ машғул буда, аз ҳисоби он зиндагии хешро пеш мебарад. Аз субҳи содиқ то бевақтии шаб садои путки Зокир Давлатшоев бо як оҳанги ба худ хос садо медиҳад. Ба яке барои рӯзгораш тешаю табар, ба дигаре досу каланд ва зоғнӯл, ба сеюмӣ путки оҳанию наъли асп тайёр мекунад. Азбаски маҳсули дастранҷаш хеле сифати баланд дорад, мизоҷонаш аз доираи Ванҷ берун низ пайдо шуданд. Дастранҷи ин оҳангари бомаҳорат дар рӯзҳои фарҳанги Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар вилоятҳои Суғд ва Хатлон пешкаши ҳамагон гардид ва ба маҳсули дастони пурэъҷозаш баҳои баланд доданд.

Ҳоло устои оҳангар мизоҷони зиёд аз ноҳияҳои Дарвоз, Шуғнон, Ишкошим, водии Рашт, Қаротегин ва вилоятҳои Суғду Хатлон дорад, ки мавсими баҳору тирамоҳ ба деҳаи Дурешери ноҳияи Ванҷ назди усто Зокир омада, асбобҳои рӯзгорашонро фармоиш медиҳанд. Усто дар рӯ ба рӯи коргоҳаш барои меҳмонони дуру наздик суфаҳои алоҳида сохтааст, ки то омада шудани асбобҳои дилхоҳашон истироҳат кунанд.

- Ман аз он шодам, ки касби авлодиамро аз насл ба насл чун занҷир пайваст мекунам. Аз нуҳсолагӣ ҳамроҳи падарам дар ин коргоҳ фаъолият дорам ва мардум касбамро қадр мекунанд. Писаронам касби маро аз худ кардаанд ва аз ин давлати бузургтаре бароям вуҷуд надорад, эҳтиромам аз ин коргоҳи оҳангарист, ман бо он фахр дорам, - мегӯяд мавсуф.

Гарчанде дар ноҳияи Ванҷ устоҳои оҳангар кам нестанд, вале тамоми устоҳои номдори ин диёр аз авлоди устои оҳангари Зокири Дуршерӣ дуо мегиранд, зеро усто Зокир пири оҳангарони ин минтақа маҳсуб мeёбад.

Як замон пешаи оҳангарӣ коҳиш ёфта, аз байн рафта буд ва коргоҳҳои оҳангарӣ ба миқдори кам асбоби рӯзгор тайёр мекарданд. Баъд аз соҳибистиқлол гардидани давлати тоҷикон устоҳои оҳангар боз пурра ба фаъолият оғоз карданд.

**Пайшамбӣ ШОҲЗОДА, «Садои мардум»**


**БА ТАВАҶҶУҲИ ПУДРАТЧИЁН ВА МОЛРАСОНҲО!**

## ДАЪВАТНОМАИ ИШТИРОК ДАР ОЗМУНИ ХАРИД

**Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - мақомоти ваколатдор) ва ташкилотҳои харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:**

| т/р | № ДИО | Ташкилоти харидор | Мавзӯи харид | Усули харид | Навъи харид | Миқдори номгӯй | Санаи анҷоми қабули дархостҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | 419664 | Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон» | Ангишт | Озмуни харид аз тариқи иштироки номаҳдуд | Мол | 1 | 08.01.2024 15:15:00 |

Озмунҳои харид дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **https://eprocurement.gov.tj** баргузор мегарданд.

Довталабон барои иштирок дар озмунҳо бояд дар Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шаванд. Бақайдгирӣ ройгон анҷом дода шуда, довталабон метавонанд барои кумак барои бақайдгирӣ ва иштирок дар озмунҳо ба Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портал муроҷиат намоянд.

Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт тавассути филиалҳои КВД БА «Амонатбонк» ё барномаи мобилии «Амонатмобайл», ҳуҷҷатҳои тендерии худро бояд то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Муҳлати муқарраршуда муҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели - 22.**

Хадамоти дастгирии истифодабарандагони Портали хариди электронии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон: 446000304.



## ЭЪЛОН!

Лоиҳаи миллии идоракунии хавфи офатҳои табиӣ- маблағгузории иловагӣ барои ишғол намудани ҷойҳои корӣ ба ҳайси **«Мутахассис оид ба ҳифзи иҷтимоӣ»** ва **«Афсар - ҳамоҳангсоз»** озмун эълон менамояд.

Мутахассисон бояд на камтар аз панҷ сол таҷрибаи кории дахлдор дошта бошанд. Хоҳишмандон метавонанд Ҳолнома (CV) ва Мактуби ҳамроҳ (Cover letter)- и худро то рӯзи 16- уми январи соли 2024 ба суроғаи электронии «rukhshonanozimzoda @ gmail. com» ё ба рақами телефони (+992) 93-465-22-22 ирсол намоянд.

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

✓Аттестати силсилаи Т- АТА №1386575-и гумшуда, ки онро МТМУ №98-и шаҳри Душанбе соли 2022 ба Замиров Муҳамадсаид Аҳлиддинович (РМА 047638068) додааст, эътибор надорад.

✓Шаҳодатномаи №0106091-и гумшуда дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ, ки онро Нозироти андози ноҳияи Сино ба Шамсиев Алишер Мухамедҷонович (РМА 515086339) додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи гумшудаи силсилаи А №01521721, ки онро ШВКД дар ноҳияи Ёвон 25- уми октябри соли 2018 ба Шаҳбози Муҳаммадализода (РМА 406003816) додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Теппаҳои шарқӣ, минтақаи 4, хонаи 40 ба Айниддинов Бахтиёр додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №488080, ки онро Омӯзишгоҳи касбии рақами 1-и шаҳри Душанбе соли 1986 таҳти қайди 6526 бо ихтисоси электромонтёр ба Кушбаков Қурбоналӣ додааст, эътибор надорад.

✓Дипломи гумшудаи №0056362, ки онро Литсейи касбии техникии шаҳри Ҳисор соли 2014 ба Шарипов Ҷамолиддин додааст, эътибор надорад.

✓Сертификати ҳуқуқи истифодаи замини якумраи меросии дараҷаи А 0067154 таҳти №793/17- и гумшуда, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Ҳисор 8 майи соли 2017 бо суроғаи шаҳри Ҳисор, Ҷамоати шаҳраки Шарора, маҳаллаи Уртабуз ба Салоҳов Хайриддин Шарофович додааст, эътибор надорад.

✓Шиносномаи техникии гумшудаи манзили истиқоматӣ, ки онро КДФ «БММҒ» дар шаҳри Душанбе бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, хонаи 14 ба Абдурашидов Абдуназар (РМА 025310012) додааст, эътибор надорад.

✓Дастгоҳи назорати хазинавии гумшудаи тамғаи «ОКА ПФ» №36967-и соҳибкории инфиродӣ Шарипов Фируз (РМА 095154639) эътибор надорад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

✓ҶДММ «Фарид» (РМА 600010132), ки 17 майи соли 2010 дар Нозироти андози шаҳри Панҷакент ба сабти давлатӣ гирифта шудааст, фаъолияташро қатъ мекунад. Ҳама арзу шикоят давоми ду моҳ қабул карда мешавад.



Садои мардум

Муассис: Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

САРМУҲАРРИР Бахтовар КАРИМЗОДА

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод» чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:
*Абдухолиқ Мирзоев,*
*Далер Абдулло,*
*Ориф Ёдгоров,*
*Сайфиддин Суннатов,*
*Шариф Атобуллоев,*
*Фарзона Файзалиева,*
*Фарҳунда Абдулҳакимова.*

**НИШОНИИ МО:** шаҳри Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. **ТЕЛЕФОНҲО:** қабулгоҳ 238- 53- 71; Сармуҳаррир факс 221- 36- 04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус 238- 53- 56; муовин 238- 54- 52; котибот 238- 59- 32; муҳаррири шуъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқ 238- 58- 95; муҳаррири шуъбаи иқтисодиёт ва сиёсати иҷтимоӣ 238- 52- 97; шуъбаи фарҳанг, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва регламент 238- 58- 93; муҳаррири шуъбаи мактубҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа 238- 58- 91; муҳосибот 238- 53- 49; шуъбаи обуна, қабули эълонҳо ва техникӣ 238- 54- 57; хабарнигорон дар ВМКБ 93- 355- 51- 03, 93- 458- 65- 69; вилояти Хатлон 919- 67- 88- 78, 985- 82- 81- 97; вилояти Суғд 92- 773- 28- 76, 92- 771- 76- 72, 93- 535- 06- 66; ШНТҶ - 000- 03- 03- 80, 918- 68- 40- 17.
**МО ДАР ШАБАКАИ ИНТЕРНЕТ:** www.sadoimardum. tj **ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО:** sadoimardum@yandex.ru

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

*Ба чопаш 3 январи соли 2024, соати 13:40 иҷозат дода шуд. Адади нашр 34115 нусха*

Навбатдорони шумора Ш. Ҳусейнзода ва С. Суннатӣ

Тарроҳони компютерӣ Т. Қурбонов ва Ф. Таушаров

Рӯзномаи «Садои мардум» 30- юми октябри соли 2022 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 332/РЗ 97